ЛОИҲАИ USAID “БИЁ, ҲАМРОҲ ОМӮЗЕМ” ДАР ТОҶИКИСТОН

ҲИСОБОТ

оид ба натиҷаҳои арзёбии ибтидоии малакаҳои хониш, математика ва омӯзиши иҷтимоӣ-эҳсосотӣ 2022

Ҳисоботи ҷамъбастӣ, 15 ноябри соли 2022

Муқаддима

Ҳадафи Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” такмил додани малакаҳои бунёдии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (синфҳои 1-4) бо таваҷҷуҳи хоса ба беҳтар кардани малакаҳои дарки маъно, тафаккури интиқодӣ ва математикӣ мебошад. Тавассути ин барнома USAID ният дорад, ки тавонмандии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил додани малакаҳои хонишу математика ва дар умум беҳтар кардани натиҷаҳои таълимии хонандагони синфҳои ибтидоиро дастгирӣ намояд.

Ин ҳисобот натиҷаҳои тадқиқоти якҷояи Арзёбии хониши синфҳои ибтидоӣ (АХСИ), Арзёбии математикаи синфҳои ибтидоӣ (АМСИ), Омӯзиши иҷтимоӣ-эҳсосотӣ (ОИЭ) ва Шарҳи самаранокии идоракунии муассисаи таълимиро, ки дар охири соли таҳсили 2022 гузаронида шуда буданд, шарҳ медиҳад.

Мақсади тадқиқоти мазкур, дар баробари арзёбиҳои миёнамуҳлат ва ниҳоӣ, ки дар солҳои оянда гузаронида мешаванд, ҳамчун заминаи асосӣ барои фаъолияти Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” хидмат мекунад. Ҳадафи он баррасии иртиботи байни натиҷаҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ ва забони муомила дар хона, ҷинс, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии хонандагон ва дигар омилҳои асосӣ, инчунин таҳлили амиқтари таҷрибаҳои таълим, сифат ва дастрасии китобу маводди иловагӣ ва омилҳои дигаре, ки ба фаъолияти лоиҳаи мазкур маълумот медиҳанд, мебошад.

Ин тадқиқоти чорсола буда, ҷамъоварии маълумот дар охири соли таҳсили 2022 – арзёбии ибтидоӣ, соли 2024 – миёнамуҳлат ва дар соли 2025 – арзёбии ниҳоӣ сурат мегирад.

Ҳадафҳои тадқиқот инҳоянд:

1. **Нишондиҳандаи ES. 1-1** Фоизи хонандагони зерҳадафи лоиҳа, ки дар охири синфи 2 сатҳи ҳадди ақали хонишро ба даст меоранд.
2. **Нишондиҳандаи ES.1-2** Фоизи хонандагони зерҳадафи лоиҳа, ки дар охири синфи 4 сатҳи ҳадди ақали хонишро ба даст меоранд.
3. **Нишондиҳандаи Supp-3** Фоизи хонандагони зерҳадафи лоиҳа, ки дар охири синфи 2 сатҳи ҳадди ақали математикаро ба даст меоранд.
4. **Нишондиҳандаи Supp-4** Фоизи хонандагони зерҳадафи лоиҳа, ки сатҳи ҳадди ақали математикаро ба даст меоранд.
5. Муқоиса кардани маълумоти арзёбии ибтидоӣ бо маълумоти миёнамуҳлат ва ниҳоӣ.

6. Асоснок кардани меъёру нишондодҳои хониш ва математикаи хонандагон.
7. Пешниҳоди таҷрибаи арзёбиҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ ба шарикон аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Методология

Барои арзёбиҳои ибтидоии АХСИ/АМСИ/ОИЭ дар Тоҷикистон Вазорати маориф ва илм ва Гурӯҳи кории арзёбӣ (ГКА) бо лоиҳа барои таҳияи бахшҳои арзёбиҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ саволномаҳои ШСИМ (аз ҷумла мушоҳидаи дарсҳои хониш ва математика) ҳамкорӣ карданд. Ҳангоми таҳияи воситаҳо, Ҷадвали глобалии салоҳиятҳо[1] ва барномаи таълимии таҷдидшудаи Тоҷикистон барои ҳама муҳокимаҳои арзёбиҳои АМСИ ва ОИЭ, инчунин тағйирот ба арзёбии АХСИ ва воситаҳои мавҷуда ҳамчун асос хизмат карданд. Гурӯҳи мавриди тадқиқот хонандагони синфҳои 2 ва 4, ки 80% муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ (муассисаҳои хусусӣ ё муассиса-интернатҳо дохил намешаванд) дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, аз муассисаҳои зерҳадафи лоиҳа мебошанд. Натиҷаҳои интихоб намояндагии муассисаҳои таҳсилотии зерҳадафи лоиҳа буда, тамоми муассисаҳои таълимӣ ва хонандагони Тоҷикистонро фаро намегирад. Тадқиқот ҳам муассисаҳои таълимашон тоҷикӣ ва ҳам русиро фаро гирифт. Гурӯҳи тадқиқотӣ аз 178 муассисаи таълим ба забони тоҷикӣ ва 108 муассисаи таълим ба забони русӣ маълумот ҷамъоварӣ кард. Дар ҷамъоварии маълумот дар муассисаҳои тоҷикӣ 6,445 хонанда ва дар муассисаҳои русӣ 3,467 хонанда иштирок карданд. Ин хонандагон дар таносуби баробар аз синфи 2 ва 4, мувофиқи ҷинс, ки дар боло тавсиф шудааст, интихоб карда шуданд.

Дар ҷадвали 1 интихоби ниҳоии таҳлилии муассисаҳои таълимӣ оварда шудааст. Дар ҷадвалҳои 2, 3 ва 4 шарҳи қисмҳои арзёбиҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Шумораи муассисаҳои таълимии интихобшудаи з.т. тоҷикӣ ва русӣ аз рӯйи минтақа

Минтақаҳои лоиҳа	Тоҷикӣ	Русӣ
Бохтар	34	15
НТҶ	34	23
Душанбе	20	15
ВМБК	24	1
Кӯлоб	34	2
Суғд	32	52
Ҳамагӣ	**178**	**108**

[1]https://gaml.uis.unesco.org/wp-content/uploads/sites/2/2019/05/GAML6-REF-16-GLOBAL-POFICIENCY-FRAMEWORK.pdf

Ҷадвали 2. Шарҳи арзёбии АХСИ

Бахшҳои АХСИ с.2 (Меъёри стандарт: Хониш – 40 калима дар 1 дақиқа; дарки маъно – 80%)	Миқдор	Меъёри ҳисобот	Бахшҳои АХСИ с. 4 (Меъёри стандарт: Хониш – 80 калима дар 1 дақиқа; дарки маъно – 80%)	Миқдор	Меъёри ҳисобот
Дарки маънои матни шунида	5 савол	% ҷавобҳои дуруст	**Дарки маънои матни шунида**	5 савол	% ҷавобҳои дуруст
Хониши калимаҳои шинос	50 калима	Калимаҳои шиноси дар як дақиқа дуруст-хондашуда	**Хониши калимаҳои шинос**	50 калима	Калимаҳои шиноси дар як дақиқа дуруст хондашуда (КДШД)
Хониши калимаҳои шикаста	50 калима	Калимаҳои шикастаи дар як дақиқа дуруст хондашуда	**Хониши калимаҳои шикаста**	50 калима	Калимаҳои шикастаи дар як дақиқа дуруст хондашуда
Хониши равон	50 калима	Калимаҳои дар як дақиқа дуруст хондашуда	**Хониши равон**	80 калима	Калимаҳои дар як дақиқа дуруст хондашуда
Дарки маънои матн	5 савол	% ҷавобҳои дуруст	**Дарки маънои матн**	5 савол	% ҷавобҳои дуруст

Дарки маъноі матни хомӯшона хондашуда	5 савол	% ҷавобҳои дуруст	**Дарки маъноі матни хомӯшона хондашуда**	5 савол	% ҷавобҳои дуруст
Дарки маъноі матн	5 савол	% ҷавобҳои дуруст			
Дарки маъноі матни хомӯшона хондашуда	5 савол	% ҷавобҳои дуруст			

Ҷадвали 3. Шарҳи арзёбии АМСИ

Бахшҳои АМСИ синфи 2 Меъёр (аз 20 то 100)	**Миқдор**	**Меъёри ҳисобот**	**Бахшҳои АМСИ синфи 4 Меъёр (аз 100 000 то 1000 000)**	**Шумораи супоришҳо**	**Меъёри ҳисобот**
Хондани ададҳо	20 адад	Ададҳои дуруст хондашуда дар як дақиқа	**Хондани ададҳо**	20 адад	Ададҳои дуруст хондашуда дар як дақиқа
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо	3 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо**	3 мисол	% ҷавобҳои дуруст
Ҳосил кардани адади 20	5 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Ду маротиба зиёд кардани адад**	5 мисол	% ҷавобҳои дуруст
Геометрия	3 фигура	% ҷавобҳои дуруст	**Геометрия**	2 мисол	% ҷавобҳои дуруст

Ҳисса ва каср	1 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Муқоисаи касрҳо**	6 мисол	% ҷавобҳои дуруст
Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ	2 масъала	% ҷавобҳои дуруст	**Ҳалли масъалҳо оид ба асъор**	2 масъала	% ҷавобҳои дуруст
Пайдарҳами и ададҳо	6 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Пайдарҳами и ададҳо**	8 мисол	% ҷавобҳои дуруст
Амали ҷамъ - сатҳи 1	20 мисол	Амали дурусти ҷамъ дар 1 дақиқа	**Амали ҷамъ сатҳи 1**	20 мисол	Амали дурусти ҷамъ дар 1 дақиқа
Амали ҷамъ - сатҳи 2	5 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Амали тарҳ сатҳи 1**	20 мисол	Амали дурусти тарҳ дар 1 дақиқа
Амали тарҳ - сатҳи 1	20 мисол	Амали дурусти тарҳ дар 1 дақиқа	**Амали зарб сатҳи 1**	20 мисол	Амали дурусти зарб дар 1 дақиқа
Амали тарҳ - сатҳи 2	5 мисол	% ҷавобҳои дуруст	**Амали тақсим сатҳи 1**	20 мисол	Амали дурусти тақсим дар 1 дақиқа
Ҳалли масъалаҳо	5 масъала	% ҷавобҳои дуруст	**Иҷрои амалҳо сатҳи 2**	8 мисол	% ҷавобҳои дуруст
			Ҳалли масъалаҳо	5 масъала	% ҷавобҳои дуруст

Ҷадвали 4Шарҳи арзёбии ОИЭ

Бахшҳои арзёбии ОИЭ	Шумораи супоришҳо

Муносибат ва муомила	13
Идоракунии стресс	3
Ҳамдилӣ	6
Истодагарӣ	4
Ҳалли низоъ	4
Муносибат бо хонандагон	14
Худбаҳодиҳӣ	8

Воситаҳои шарҳи самаранокии идоракунии муассисаи таълимӣ (ШСИМ) саволномаҳоеро, ки ба хонандагон, омӯзгорон, директорон нигаронида шудаанд ва инчунин мушоҳидаҳои дарсро, ки аз ҷониби санҷишгарон ҳангоми дарсҳои хониш ва математика анҷом дода мешаванд, дарбар мегиранд. Саволномаҳо ба маълумоти демографии иштирокчиён, муҳити хона ва муассиса, ки метавонанд ба омӯзиши хонандагон ва раванди таълиму омӯзиш мусоидат кунад, нигаронида шудааст.

Дар арзёбии ибтидоӣ шаш воситаи ШСИМ истифода шуд:

- Мусоҳибаи директори муассиса, дар ҷое, ки имкон дошт, бо муовини директор оид ба синфҳои ибтидоӣ анҷом дода шуд;
- Мусоҳибаи омӯзгор бо омӯзгорони синфҳои 2 ва 4, ки барои арзёбии АХСИ, АМСИ ва ОИЭ интихоб шудаанд, анҷом дода шуд.
- Мусоҳибаи роҳбари иттиҳодияи методӣ (РИМ) дар муассисаҳое анҷом дода шуд, ки РИМ дар он ҷо ҳузур дошт ва имкони иштирок дар мусоҳибаро дошт,
- Мусоҳибаи хонандагон бо ҳар як хонанда дарҳол пас аз ба итмом расонидани арзёбиҳои АМСИ ё АХСИ гузаронида шуд;
- Мушоҳидаи дарс дар синфхонаҳое гузаронида шуд, ки аз он хонандагон барои арзёбиҳои АХСИ ва АМСИ интихоб карда шуданд.

Натиҷаҳо

Ин қисм натиҷаҳои саволномаҳо, мушоҳидаҳои бахшҳои хониш, математика ва иҷтимоӣ-эҳсосотиро, ки бо хонандагон ва кормандони муассисаи таълимӣ, тибқи тавсифи боло, гузаронида шудаанд, дар бар мегирад.

Арзёбии хониш дар синфҳои ибтидоӣ (АХСИ)

Саволи тадқиқотии 1: Малакаҳои асосии хониши хонандагони синфҳои 2 ва 4 дар Тоҷикистон аз забонҳои тоҷикӣ ва русӣ кадомҳоянд?

Ҷадвали 5 **натиҷаҳои умумии хонандагони забони таълимашон тоҷикӣ барои ҳамаи бахшҳо**, мутаносибан, барои синфҳои 2 ва 4-ро нишон медиҳад. Барои бахши “Дарки маънои матни шунида”, фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст барои синфи 2 - 50,53% ва барои синфи 4 - 73,52% аст. Дар бахши “Хониши калимаҳои шинос” хонандагони синфи 2 ба ҳисоби миёна 38,07 ва хонандагони синфи 4 51,39 калимаро дар як дақиқа дуруст хонданд.
Дар бахши “Хониши равон” хонандагони синфи 2 ба ҳисоби миёна 41,95 калима ва хонандагони синфи 4 74,10 калимаро дар як дақиқа дуруст хонданд. Ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахши “Дарки маънои матн” дар ҳар як синф мутаносибан 53,39% ва 57,62%-ро ташкил дод. Ниҳоят, дар синфҳои 2 ва 4 ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахши “Дарки маънои матни хомӯшона хондашуда” мутаносибан 54,72% ва 58,94%-ро ташкил медиҳад (18%-и хонандагон ба ягон савол ҷавоб надоданд).

Ҷадвали 5. Натиҷаҳои умумии арзёбии АХСИ – синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ

Бахшҳои арзёбии АХСИ	**Синфи 2 (n=1,617) Ҳисоби миёна (95% ФЭ)** [2]	**Синфи 4 (n=1,621) Ҳисоби миёна (95% ФЭ*)**
Бахшҳо бо маҳдудияти вақт	**Ченак: # ҳарф ё калимаи дар 1 дақиқа дуруст хондашуда**	
	Меъёри хониш: 40 калима	**Меъёри хониш: 80 калима**
Муайян кардани номи ҳарф	67,69 (65,22; 70,17)	-
Хониши калимаҳои шинос	38.07 (36,09; 40,06)	51.39 (49,39; 53,38)
Хониши калимаҳои шикаста	21.31 (20.05; 22.58)	25.24 (24,24; 26,24)
Хониши равон	41.95 (39,38; 44,52)	74.10 (69,82; 78,38)
Бахшҳое, ки дар оҳо вақт маҳдуд нест	**Ченак: % ҷавобҳои дуруст**	
	Меъёри дарки маъно: 80% ҷавобҳои дуруст	
Муайян кардани овози аввали калима	38,18% (34,91; 41,45)	-
Дарки маънои матн	53,39% (50,14; 56,64)	57,62% (54,42; 60,82)

[2] ФЭ - фосилаи эътимод аст. Фосилаи эътимод диапазони эҳтимолии баҳодиҳии тамоми хонандагони интихобшуда мебошад. Фосилаи эътимоди бештар истифодашаванда 95% аст, ки дар ин тадқиқот низ истифода шудааст. 95% ФЭ маънои онро дорад, ки мо 95% боварӣ дорем, ки арзиши воқеии нишондиҳандаҳои хонандагони интихобшуда дар доираи диапазонест, ки мо ҳамчун фосилаи эътимод нишон медиҳем.

Дарки маънои матни шунида	50,53% (47,86; 53,21)	73,52% (70,75; 76,29)
Дарки маънои матни хомӯшона хондашуда	54,72% (51,63; 57,80)	58,94% (55,77; 62,11)

53% хонандагон дар синфи 2-юми тоҷикӣ ба меъёри хониши равон ва 38% ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ ё аз он зиёд аст. 41% хонандагон дар синфи 4-и тоҷикӣ ба меъёри хониши равон ва 43% ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ ё аз он зиёд аст.

Диаграммаи 1Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ



Диаграммаҳои 2 ва 3 натиҷаҳои арзёбии АХСИ-ро аз рӯйи намуди муассисаҳои таълимӣ – муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва он муассисаҳое, ки забони таълимашон тоҷикист, тақсим карда нишон медиҳанд. Дар ин ҷо муқоиса бо муассисаҳое, ки забони таълимашон пайваста тоҷикист, танҳо муассисаҳои тоҷикии чаҳор минтақаро дар бар мегирад, ки дар онҳо низ муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, мавҷуданд: НТҶ, Суғд, Бохтар ва Кӯлоб.

Тафовут байни натиҷаҳои хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гузаштаанд ва муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накарданд, барои ҳамаи бахшҳо ба истиснои муайян кардани овози аввали калима ва муайян кардани номи ҳарф аз ҷиҳати оморӣ назаррасанд.

Диаграммаи 2. Холҳои миёнаи бахшҳои хониш дар арзёбии АХСИ аз рӯйи намуди муассисаи таълимӣ





Диаграммаи 3. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст аз рӯйи намуди муассисаи таҳсилотӣ





Дар диаграммаи 4 нишон дода шудааст, ки дар синфи 2 43% хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва

54% хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накарданд, ба меъёри хониши равон ҷавобгӯ мебошанд. Дар айни ҳол, 23% хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва 39% хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накарданд, ба меъёри дарки маъни матн ҷавобгӯ мебошанд. Байни гурӯҳҳои хонандагон аз рӯйи меъёри дарки маънои матн тафовути аз ҷиҳати оморӣ аҳамиятнок вуҷуд дошт ва таносуби бештари хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накардаанд, нисбат ба хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, ба меъёр ҷавобгӯ буданд.

Дар синфи 4 36% хонандагони муассисаҳои таълимии аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва 41% хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накардаанд, ба меъёри хониши равон ҷавобгӯ аст. Дар ҳамин ҳол, 26% хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд ва 44% хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накардаанд, ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ аст. Байни гурӯҳҳои хонандагон аз рӯйи меъёри дарки маънои матн тафовути аз ҷиҳати оморӣ назаррас вуҷуд дошт ва таносуби бештари хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накардаанд, нисбат ба хонандагони муассисаҳое, ки аз забони таълими ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ гузаштаанд, ба меъёр ҷавобгӯ аст.

Диаграммаи 4Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи намуди муассисаи таълимӣ



Дар диаграммаҳои 5 ва 6 натиҷаҳои арзёбии АХСИ-и синфи 2 ва 4-и тоҷикӣ аз рӯйи ҷинс оварда шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки байни писарон ва духтарон чор фарқияти назаррас вуҷуд дорад. Духтарон дар

синфҳои 2 ва 4 аз рӯйи бахшҳои “Хониши калимаҳои шинос”, “Хониши калимаҳои шикаста”, “Хониши равон” ва “Дарки маънои матн” нисбат ба писарон натиҷаҳои беҳтар нишон доданд.

Диаграммаи 5. Холҳои миёнаи бахшҳои хониш дар арзёбии АХСИ аз рӯйи ҷинс





Диаграммаи 6. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои хониши арзёбии АХСИ аз рӯйи ҷинс





Дар диаграммаи 7 таносуби хонандагони синфҳои 2 ва 4, ки ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ ё аз он зиёданд, аз рӯйи ҷинс оварда шудааст. Дар синфҳои 2, таносуби бештари аз ҷиҳати оморӣ назаррасӣ духтарон нисбат ба писарон ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ аст. Дар

синфи 4 шумораи бештари духтарон нисбат ба писарон ҳам ба меъёри хониши равон ва ҳам ба дарки маънои матн ҷавобгӯ аст.

Диаграммаи 7. Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи ҷинс



Дар диаграммаҳои 8 ва 9 натиҷаҳои ҳар як бахши АХСИ-и синфҳои 2 ва 4 аз рӯйи шаҳр ва деҳот оварда шудааст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар синфи 2 хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр натиҷаҳои баландтари аз ҷиҳати оморӣ назаррасро барои ҳамаи бахшҳои АХСИ, ба истиснои бахши “Муайян кардани номи ҳарф”, ба даст оварданд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар синфи 4 хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр натиҷаҳои баландтари аз ҷиҳати оморӣ назаррасро барои ҳамаи бахшҳои арзёбии АХСИ, ба истиснои бахши “Дарки маънои матни шунида”, ба даст оварданд.

Диаграммаи 7Холҳои миёнаи бахшҳои хониш аз рӯйи шаҳр ва деҳот



Диаграммаи 8Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои хониши арзёбии АХСИ аз рӯйи шаҳр ва деҳот



Дар диаграммаи 10 таносуби хонандагони синфҳои 2 ва 4-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи шаҳру деҳот оварда шудааст. Дар синфи 2, таносуби бештари ба таври оморӣ назарраси хонандагони муассисаҳои таълимии деҳот ба меъёри хониши равон ҷавобгӯ аст.

Диаграммаи 9Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи шаҳру деҳот



Дар диаграммаи 11 таносуби хонандагони синфи 2-и ба меъёри хониши равон (40 калима дар 1 дақиқа) ва меъёри дарки маънои матн (80% ҷавобҳои дуруст) ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа оварда шудааст. Дар ВМКБ таносуби аз ҳама зиёди хонандагони ба хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ дида мешавад.

Диаграммаи 10Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа – синфи 2-и тоҷикӣ



Дар диаграммаи 12 таносуби хонандагони синфи 4-и ба меъёри хониши равон (80 калима) ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа оварда шудааст. Дар ВМКБ таносуби аз ҳама зиёди хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ дида мешавад.Диаграммаи 11Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа – синфи 4-и тоҷикӣ



Дар диаграммаи 13 холҳои миёнаи хонандагон барои баҳодиҳии ниҳоии лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» ва арзёбии ибтидоии лоиҳаи USAID «Биё, ҳамроҳ омӯзем» муқоиса карда мешавад. Тартиби баробарсозӣ барои муқоисаи мустақими маълумотҳо имконият фароҳам меорад (нигаред ба диаграммаи зер). Дар маълумот фарқи назарраси оморӣ вуҷуд надорад, гарчанде дар рақамҳое, ки дар арзёбиҳои ниҳоӣ ва ибтидоӣ баъзе тафовутҳои ночиз ба назар мерасанд. Дар ҳар ду тадқиқот ду намунаи гуногуни тасодуфии интихоб ва воситаҳои тасҳеҳшуда баробараразиш истифода шуданд. Ҳамин тариқ, тафовути ночизе, ки дар маълумот қайд шудааст, маънои тафовути иҷроиш дар тамоми хонандагони интихобшудаи забони таҳсилашон тоҷикиро надорад (тафовут дар доираи ченакҳои муқарраршуда).

Диаграммаи 13. Холҳои миёнаи хонандагон барои баҳодиҳии ниҳоии лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» ва арзёбии ибтидоии лоиҳаи USAID «Биё, ҳамроҳ омӯзем» - синфҳои тоҷикӣ



Дар ҷадвали 6 **натиҷаҳои умумии хонандагони забони таълимашон русӣ барои ҳамаи бахшҳо**, мутаносибан, барои синфҳои 2 ва 4 оварда шудааст. Барои бахши “Дарки маънои матни шунида”, фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст барои 5 супориш дар синфи 2 - 66,10% ва дар синфи 4 - 69,75% -ро ташкил дод. Барои бахши “Муайян кардани номи ҳарф” ба ҳисоби миёна 59.01 ҳарф буд. Ҳисоби миёна дар бахши “Хониши калимаҳои шинос” дар синфи 2 - 45,35 калимаи дар 1 дақиқа дуруст хондашуда ва дар синфи 4 - 63,77 калима аст. Барои бахши “Хониши калимаҳои шикаста” ба 34,89 калимаи шикастаи дар 1 дақиқа дуруст хондашуда дар синфи 2 ва дар синфи 4 - 39,96 калима баробар аст.

Нишондоди хониши равон ба ҳисоби миёна 46,46 калима дар 1 дақиқа ва дар синфи 4 тақрибан ду баробар (82,96) калима зиёд аст. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст барои бахши “Дарки маънои матн” дар синфи 2 - 51,15% ва дар синфи 4 - 66,24% аст.

Ҷадвали 6. Натиҷаҳои умумии арзёбии АХСИ – синфҳои 2 ва 4 русӣ

Бахши арзёбии АХСИ	**Синфи 2 (n=925) Ҳисоби миёна (95% ФЭ)**	**Синфи 4 (n=866) Ҳисоби миёна (95% ФЭ)**
Бахшҳо бо маҳдудияти вақт	**Ченак: # ҳарф ё калимаи дар 1 дақиқа дуруст хондашуда**	
	Меъёри хониш: 40 калима	**Меъёри хониш: 80 калима**
Муайян кардани номи ҳарф	59.01 (57,05; 60,97)	
Хониши калимаҳои шинос	45.35 (42,58; 48,12)	63,77 (60,24; 67,31)
Хониши калимаҳои шикаста	34.89 (33,31; 36,46)	39,96 (38,26; 41,66)
Хониши равон	46,46 (43,92; 49,00)	82,96 (78,00; 87,92)
Бахшҳое, ки дар оҳо вақт маҳдуд нест	**Ченак: % ҷавобҳои дуруст**	
	Меъёри дарки маъно: 80% ҷавобҳои дуруст	
Муайян кардани овози аввал	60,76% (57,17; 64,34)	
Дарки маънои матни шунида	66,10% (62,02; 70,17)	69,57% (65,80; 73,34)
Дарки маънои матн	51.15% (47,26; 55,04)	66,24% (62,11; 70,37)
Дарки маънои матни хомушона хондашуда	56,67% (53,22; 60,12)	80,46% (76,95; 83,97)

Дар синфҳои 2-и русӣ 59% хонандагон ба меъёри хониши равон ва 34% хонандагон ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ мебошанд. Дар синфи 4-и русӣ 51% хонандагон ба меъёри хониши равон ва 48% хонандагон ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ мебошанд.

Диаграммаи 14. Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ – синфҳои русӣ



Дар диаграммаҳои 15 ва 16 натиҷаҳои арзёбии АХСИ-и синфи 2 ва 4-и русӣ аз рӯйи ҷинс оварда шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки байни писарону духтарон аз рӯйи синф танҳо як тафовути назаррас вуҷуд дорад. Дар синфи 2 писарон нисбат ба духтарон аз рӯйи бахши “Муайян кардани овози аввали калима” холи миёнаи баландтар доранд. Дар синфи 4 духтарон нисбат ба писарон аз рӯйи бахши “Хониши калимаҳои шинос”, “Хониши калимаҳои шикаста”, “Хониши равон ва дарки маънои матн” холи миёнаи баландтарро соҳиб шуданд.

Диаграммаи 15. Холҳои миёнаи бахшҳои хониши арзёбии АХСИ аз рӯйи ҷинс – синфҳои русӣ



Диаграммаи 16. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои хониши арзёбии АХСИ аз рӯйи ҷинс – синфҳои русӣ



Дар диаграммаи 17 таносуби хонандагони синфҳои 2 ва 4-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи ҷинс нишон дода шудааст. Дар синфҳои 2 миёни писарону духтарон аз рӯйи ҳар ду меъёр фарқи назаррас вуҷуд надорад. Дар синфи 4 таносуби бештари аз ҷиҳати оморӣ назарраси духтарон нисбат ба писарон ба меъёри хониши равон ва ба меъёри дарки маънои матн ҷавобгӯ мебошанд.

Диаграммаи 17. Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи ҷинс – синфҳои русӣ



Дар диаграммаҳои 18 ва 19 натиҷаҳои арзёбии АХСИ-и синфи 2 ва синфи 4-и русӣ аз рӯйи шаҳру деҳот нишон дода шудааст. Дар синфи 2 хонандагони муассисаҳои таълимии деҳот нисбат ба хонандагони муассисаҳои шаҳр аз рӯйи муайян кардани овози аввали калима ҷавобҳои миёнаи баландтарро нишон доданд. Дар синфи 4 хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр аз рӯйи ҳамаи бахшҳои арзёбии АХСИ ҷавобҳои миёнаи баландтар доранд.

Диаграммаи 18. Холҳои миёнаи бахшҳои хониш дар арзёбии АХСИ аз рӯйи шаҳру деҳот - синфи 2-и русӣ



Диаграммаи 19. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои хониши арзёбии АХСИ аз рӯйи шаҳру деҳот – синфҳои русӣ



Дар диаграммаи 20 таносуби хонандагони синфҳои 2 ва 4-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи шаҳру деҳот нишон дода мешавад. Дар синфи 2 миёни хонандагони деҳот ва шаҳр аз рӯйи ҳар ду меъёр фарқ дида намешавад. Хонандагони синфҳои 4 шаҳрӣ дар бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маъно матни хонда” нисбат ба хонандагони деҳот фоизҳои баландтарро нишон медиҳанд.

Диаграммаи 20. Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи шаҳру деҳот – синфҳои русӣ



Дар диаграммаи 21 таносуби хонандагони синфҳои 2 ва 4-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа нишон дода шудааст. Дар минтақаи Душанбе таносуби аз ҳама баланди хонандагони синфи

2-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ дида мешавад. Дар ВМКБ таносуби аз ҳама баланди хонандагони синфи 4-и ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ дида мешавад. Азбаски гурӯҳи интихобшуда аз ВМКБ хеле хурд буд, натиҷаҳои аз Душанбе бадастомада бояд ҳамчун натиҷаҳои баландтарин арзёбӣ карда шаванд.

Диаграммаи 21. Таносуби хонандагони ба меъёри хониши равон ва дарки маънои матн ҷавобгӯ аз рӯйи минтақа – синфҳои русӣ



Дар диаграммаи 22 холҳои миёнаи хонандагон барои баҳодиҳии ниҳоии лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» ва арзёбии ибтидоии лоиҳаи USAID «Биё, ҳамроҳ омӯзем» муқоиса карда мешавад. Тартиби баробарсозӣ барои муқоисаи мустақими маълумотҳо имконият фароҳам меорад (нигаред ба диаграммаи зер). Дар маълумот фарқи назарраси оморӣ вуҷуд надорад, гарчанде дар рақамҳое, ки дар арзёбиҳои ниҳоӣ ва ибтидоӣ баъзе тафовутҳои ночиз ба назар мерасанд. Дар ҳар ду тадқиқот ду намунаи гуногуни тасодуфии интихоб ва воситаҳои тасҳеҳшуда баробаразиш истифода шуданд. Ҳамин тариқ, тафовути ночизе, ки дар маълумот қайд шудааст, маънои тафовути иҷроиш дар тамоми хонандагони интихобшудаи забони таҳсилашон русиро надорад (тафовут дар доираи ченакҳои муқарраршуда).

Диаграммаи 22. Холҳои миёнаи хонандагон барои баҳодиҳии ниҳоии лоиҳаи USAID «Ҳамроҳ бихонем» ва арзёбии ибтидоии лоиҳаи USAID «Биё, ҳамроҳ омӯзем» - синфҳои русӣ



Баъзе ҷанбаҳои таҳлили муқоисавии натиҷаҳои арзёбии АХСИ:

- Дар гурӯҳҳои тоҷикӣ натиҷаҳои ВМКБ дар маҷмӯъ аз натиҷаҳои минтақаҳои дигар бартарӣ доранд.
- Дар гурӯҳҳои русӣ натиҷаҳои ш. Душанбе аз рӯйи ҳамаи бахшҳо аз дигар минтақаҳо бартарӣ доранд.
- Дар гурӯҳҳои тоҷикӣ дар аксари бахшҳо духтарон аз писарон бартарӣ доранд.
- Дар гурӯҳҳои тоҷикӣ хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр аз рӯйи ҳамаи бахшҳо аз муассисаҳои деҳот бартарӣ доранд.
- Дар гурӯҳҳои русӣ байни хонандагони синфи 2 аз рӯйи ҷинс ё шаҳру деҳот тафовут дида намешавад.
- Дар гурӯҳҳои русӣ натиҷаҳои хонандагони синфи 4 нишон медиҳанд, ки аз рӯйи ҳама бахшҳои хониш (“Хониши калимаҳои шинос”, “Хониши калимаҳои шикаста” ва “Хониши равон”) духтарон аз писарон ва хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр аз хонандагони муассисаҳои таълимии деҳот аз рӯйи ҳама бахшҳои арзёбӣ бартарӣ доранд.
- Муассисаҳое, ки аслан забони таълимашон тоҷикӣ аст, назар ба муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз карданд, натиҷаҳои беҳтар, махсусан, дар бахшҳои “Дарки маъно” нишон доданд.

Арзёбии математикаи синфҳои ибтидоӣ (АМСИ)

Саволи тадқиқотии 2: Малакаҳои асосии математикии хонандагони синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ ва русӣ дар Тоҷикистон кадомҳоянд?

Дар тамоми минтақаҳо, ба истиснои ВМКБ, арзёбии АМСИ бо даҳ хонандаи синфи 2 (панҷ писару панҷ духтар) ва даҳ хонандаи (панҷ писару панҷ духтар) синфи 4, ки аз як синф ба таври тасодуфӣ интихоб гардиданд, гузаронида шуд. Дар ВМКБ аз сабаби хеле хурд будани синфҳо, ин интихоб ду баробар кам карда шуд, яъне панҷ хонандаи синфи 2 ва панҷ хонандаи синфи 4 аз як синф ба таври тасодуфӣ интихоб шуд. Дар ҷадвали 7 гурӯҳи интихобшудаи АМСИ, ки аз рӯйи забони таълими муассисаи таҳсилотӣ, синф ва ҷинс тақсим шудааст, оварда шудааст.

Ҷадвали 7. Гурӯҳи интихобшуда барои АМСИ аз рӯйи ҷинс, забони таълим ва синф

	Синфҳои тоҷикӣ		**Ҳамагӣ аз рӯйи ҷинс**	**Синфҳои русӣ**		**Ҳамагӣ аз рӯйи ҷинс**
	Синфи 2	**Синфи 4**		**Синфи 2**	**Синфи 4**	
Писарон	804	794	**1,598**	454	425	**879**
Духтарон	807	802	**1,609**	421	376	**797**
Ҳамагӣ аз рӯйи синф	**1,611**	**1,596**	**3,207**	**875**	**801**	**1,676**

Дар ҷадвали 8 ва 9 мутаносибан натиҷаҳои умумии синфи 2-и тоҷикӣ барои ҳамаи бахшҳо ва инчунин фоизи ҷавобҳои сифр барои ҳамаи бахшҳо нишон дода шудааст. Дар бахши “Шинохти адад” танҳо 6 хонанда ягон ададро муайян карда натавонистанд ва аксари хонандагон дар вақти додашуда ҳамаи 20 ададро хонда тавонистанд. Дар бахши “Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо” 13,04% хонандагон разряди ададро дар ҳар се супориш дуруст муайян карда натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 68%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Ҷамъи ададҳо дар ҳудуди 20” 16,41% хонандагон натавонистанд ба ҳеҷ кадоме аз панҷ супориш дуруст ҷавоб диҳанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар ин бахш 59,40%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши “Геометрия” ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст ба 76,70% баробар аст. 1,42% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд.

Бахши “Ҳисса ва каср” танҳо аз як супориш иборат аст ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 86,23%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаи ду масъала оид ба асъор нишон медиҳад, ки 40,44% хонандагони синфи 2 ба ҳар кадоми ин масъалаҳо дуруст ҷавоб дода натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 39,12% ташкил медиҳад. Дар бахши “Пайдарҳамии ададҳо” 39,71% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 28,67%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 1” 2,35% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд ва ҳисоби миёнаи

малакаи ҳисобкунии равон 11,72 ҷавоби дурусти амали ҷамъро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Дар бахши “Амали тарҳ - сатҳи 1” 6,62% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд ва малакаи ҳисобкунии равон 10,84 ҷавоби дурусти амали тарҳро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Дар бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” натиҷаи ба сатҳи 1 монанд дида мешавад. Дар бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 2” 13,60% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд ва дар бахши “Амали тарҳ - сатҳи 2” 20,87% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд. Дар бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 2” фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 59,23% ва дар бахши “Амали тарҳ - сатҳи 2” 47,22-ро ташкил медиҳад. Ниҳоят, дар бахши “Ҳалли масъалаҳо” 20% хонандагон ба ягон савол ҷавоби дуруст дода натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 39,61%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 8. Натиҷаҳои умумии АМСИ – синфи 2 тоҷикӣ

Вазифа	**Синфи 2 (n=1,611) Ҳисоби миёна (95% ФЭ)**
Хондани адад	56,46 (54,17; 58,74)
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо (% ҷавоби дуруст)	68.00% (64,33; 71,7)
Ҳосил кардани адади 20 (% ҷавоби дуруст)	59,40% (55,80; 63,00)
Геометрия (% ҷавоби дуруст)	76,7% (75,30; 78,33)
Ҳисса ва каср (% ҷавоби дуруст)	86,23% (83,14%; 88,35%)
Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ (~~адади~~ ҷавобҳои дуруст)	39,12% (36,34%; 45,58)
Пайдарҳамии ададҳо (% ҷавоби дуруст)	28,67% (26,42; 31,52)
Амали ҷамъ - сатҳи 1 (ҷавобҳои дурусти амали ҷамъ дар 1 дақиқа)	11.72 (11,27; 12,16)
Амали ҷамъ - сатҳи 2 (% ҷавоби дуруст)	59,23% (56,03; 62,21)
Амали тарҳ - сатҳи 1 (ҷавобҳои дурусти амали тарҳ дар 1 дақиқа)	10.84 (10,25; 11,42)
Амали тарҳ - сатҳи 2 (% ҷавоби дуруст)	47,22% (44,24; 50,43)
Ҳалли масъалаҳо (% ҷавоби дуруст)	39,61%

	(36,83; 42,42)

Ҷадвали 9. Фоизи хонандагоне, ки аз арзёбии АМСИ аз рӯйи бахшҳо холи сифр гирифтанд - синфи 2-и тоҷикӣ

Бахш	Синфи 2 (n=1,611) % холҳои сифр
Хондани адад	0,40%
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо	13,04%
Ҳосил кардани адади 20	16,41%
Геометрия	1,42%
Ҳисса ва каср	14,16%
Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ	40,44%
Пайдарҳамии ададҳо	39,71%
Амали ҷамъ - сатҳи 1	2,35%
Амали ҷамъ - сатҳи 2	13,60%
Амали тарҳ - сатҳи 1	6,62%
Амали тарҳ - сатҳи 2	20,87%
Ҳалли масъалаҳо	20.00%

Дар ҷадвали 10 ва 11 мутаносибан натиҷаҳои умумии синфи 4-и тоҷикӣ барои ҳамаи бахшҳо ва фоизи ҷавобҳои сифр барои ҳамаи бахшҳо нишон дода шудааст. Дар бахши шинохти ададҳо таносуби хеле ками ҷавобҳоро сифр (0,02%) ташкил дод ва аксари хонандагон дар дақиқаи додашуда ҳама 20 ададро хонда тавонистанд. Дар бахши “Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо” 14,61% хонандагон разряди ададро дар ҳар се супориш дуруст муайян карда натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 65,57%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши “Ду маротиба зиёд кардани адад” 2,96% хонандагон натавонистанд ба ҳеҷ кадоме аз панҷ супориш дуруст ҷавоб диҳанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дурусти ин бахш 59,22%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши “Геометрия” ҷавобҳои сифр таносуби баландтарин (60,10%) ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 25,54%-ро ташкил медиҳад.

Бахши “Муқоисаи касрҳо” аз шаш супориш иборат буда дар он таносуби холҳои сифр ҳамагӣ 1,88% ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 60,52%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои бахши “Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ” нишон дод, ки 41,06% хонандагони синфи 4 ба ҳар дуи ин масъалаҳо дуруст ҷавоб дода натавонистанд ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 37,23%-ро ташкил медиҳад. Дар бахши “Пайдарҳамии ададҳо” таносуби холҳои сифр 22,49% ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 42,25%-ро ташкил медиҳад. Бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 1” дар баробари афзоиши сатҳи мураккабии амалҳо коҳиши пайвастаи натиҷаҳоро нишон дод. Дар бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 1” таносуби холҳои

сифр 0,35% ва ба ҳисоби миёна 14,37 ҷавоби дурусти амали ҷамъро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Дар бахши “Амали тарҳ - сатҳи 1” таносуби холҳои сифр каме бештар 3,43% ва ба ҳисоби миёна, андак камтар нисбати амали ҷамъ, 10,85 ҷавоби дурусти амали тарҳро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Дар бахши “Амали зарб - сатҳи 1” таносуби холҳои сифр 15,31% ва ба ҳисоби миёна 9,75 ҷавоби дурусти амали зарбро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Бахши “Амали тақсим” натиҷаи пастаринро нишон дод ва таносуби холҳои сифр 15,31% ва ба ҳисоби миёна 8,74 ҷавоби дурусти амали тақсимро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Дар бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” таносуби холҳои сифр 0,92% ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 70,05%-ро ташкил медиҳад. Ниҳоят, дар бахши “Ҳалли масъалаҳо” таносуби холҳои сифр 7,73% ва фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст 52,22%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 10. Натиҷаҳои умумии арзёбии АМСИ – синфи 4 тоҷикӣ

Вазифа	Синфи 4 (n=1,596) Маънои (95% ФЭ)
Хондани ададҳо	26.44 (25,16; 27,72)
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо (% дуруст)	65,67% (61,67; 69,68)
Ду маротиба зиёд кардани адад (% ҷавоби дуруст)	59,22% (56,22; 62,43)
Геометрия (% ҷавоби дуруст)	25,54% (22,32; 29,51)
Муқоисаи касрҳо (% ҷавоби дуруст)	60,52% (57,83; 63,17)
Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ (% ҷавоби дуруст)	37,23% (33,53; 40,54)
Пайдарҳамии ададҳо (% ҷавоби дуруст)	42,25% (39,63; 44,75)
Амали ҷамъ - сатҳи 1 (ҷавоби дурусти амали ҷамъ дар 1 дақиқа)	14.37 (13,81; 14,93)
Амали тарҳ - сатҳи 1 (ҷавоби дурусти амали тарҳ дар 1 дақиқа)	10.85 (10,26; 11,44)
Амали зарб - сатҳи 1 (ҷавоби дурусти амали зарб дар 1 дақиқа)	9.75 (9,25; 10,24)
Амали тақсим - сатҳи 1 (ҷавоби дурусти амали тақсим дар 1 дақиқа)	8.74 (7,86; 9,63)
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2 (% ҷавоби дуруст)	70,05%

	(67,13; 73,04)
Ҳалли масъалаҳо (% ҷавоби дуруст)	52,22% (49,03; 55,61)

Ҷадвали 11. Фоизи хонандагоне, ки дар арзёбии АМСИ аз рӯйи бахшҳо холҳои сифр гирифтанд - синфи 4 тоҷикӣ

Вазифа	Синфи 4 (n=1,596) % холи сифр
Хондани ададҳо	0,02%
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо	14,61%
Ду маротиба зиёд кардани адад	2,96%
Геометрия	60,10%
Муқоисаи касрҳо	1,88%
Ҳалли масъалҳо оид ба асъори миллӣ	41,06%
Пайдарҳамии ададҳо	22,49%
Амали ҷамъ - сатҳи 1	0,35%
Амали тарҳ - сатҳи 1	3,43%
Амали зарб - сатҳи 1	3,86%
Амали тақсим - сатҳи 1	15,31%
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2	0,92%
Ҳалли масъалаҳо	7,73%

Дар диаграммаҳои 21 ва 22 натиҷаҳои АМСИ-и синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ вобаста аз намуди муассисаи таълимӣ нишон дода шудааст. Онҳо нишон медиҳанд, ки агар дар синфҳои 2 хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз накардаанд нисбат ба хонандагони муассисаҳое, ки забони таълимашонро иваз карданд, натиҷаҳои беҳтар нишон дода бошанд, пас дар синфҳои 4 ин тафовут камтар дида мешавад. Тафовут дар синфҳои 4 миёни гурӯҳҳое, ки забони таълимашонро иваз кардаанд ва гурӯҳҳое, ки онро иваз накардаанд, танҳо барои бахшҳои амали ҷамъ ва ҳалли масъалаҳо назаррас аст.

Диаграммаи 21. Холҳои миёнаи ҳисоби дурусти АМСИ аз рӯйи намуди муассисаи таълимӣ – забони тоҷикӣ



Диаграммаи 22. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дурусти амалҳои сатҳи 2 ва ҳалли масъалаҳо аз рӯйи намуди муассиса – забони тоҷикӣ



Дар диаграммаи 23 ва 24 натиҷаҳои АМСИ-и синфи 2 ва 4 аз рӯйи ҷинс нишон дода шудааст. Дар синфҳои 2 ва 4, писарон дар бахшҳои “Амали ҷамъ”, “Амали тарҳ” ва “Ҳалли масъалаҳо” холҳои миёнаи баландтар доранд.

Диаграммаи 23. Холҳои миёнаи ҳисоби дурусти АМСИ аз рӯйи ҷинс дар муассисаҳои таълимӣ - забони тоҷикӣ



Диаграммаи 24. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дурусти иҷрои амалҳо сатҳи 2 ва ҳалли масъалаҳо аз рӯйи ҷинс – забони тоҷикӣ



Дар диаграммаҳои 25 ва 26 натиҷаҳои АМСИ-и синфҳои 2 ва 4 аз рӯйи шаҳру деҳот нишон дода шудааст. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки дар синфи 2 ва 4 хонандагони шаҳр нисбат ба хонандагони деҳот аз рӯйи ҳамаи бахшҳо натиҷаҳои беҳтар доранд.

Диаграммаи 25. Холҳои миёнаи ҳисоби дурусти АМСИ аз рӯйи шаҳру деҳот дар муассисаҳои таълимӣ – з. тоҷикӣ





Диаграммаи 26. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дурусти бахши иҷрои амалҳои сатҳи 2 ва ҳалли масъалаҳо аз рӯйи шаҳру деҳот дар муассиҳои таълимӣ – забони тоҷикӣ





Дар ҷадвалҳои 12 ва 13 натиҷаҳои хонандагони синфҳои 2 ва 4 аз рӯйи минтақаҳо оварда шудаанд. Дар синфҳои 2 байни минтақаҳо фарқи зиёд вуҷуд надорад, ба истиснои бахши “Хондани ададҳо”, ки дар он шаҳри Душанбе аз ҳама минтақаҳои дигар натиҷаҳои беҳтар дорад. Дар синфҳои 4 минтақаи Суғд аз рӯйи бахшҳои “Амали ҷамъ” ва “Амали тарҳ” аз ҳама минтақаҳои дигар натиҷаҳои беҳтар дорад. Аз рӯйи бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” низ минтақаи Суғд ва ВМКБ аз минтақаҳои Кӯлоб, Бохтар, НТҶ ва ш. Душанбе натиҷаҳои беҳтар ба даст оварданд.

Ҷадвали 12. Холҳои миёна дар бахшҳои иҷрои амалҳои АМСИ аз рӯйи минтақаҳо – синфи 2 тоҷикӣ

Бахш	Бохтар (n=338)	НТҶ (n=325)	Душанбе (n=201)	ВМКБ (n=105)	Кӯлоб (n=338)	Суғд (n=304)	Ҳамагӣ (n=1,611)
Хондани ададҳо	50.50	52.25	68.34	58.84	52.84	47.09	55,63
Амали ҷамъ - сатҳи 1	11.18	11.45	12.43	11.65	10.74	12.17	11.57
Амали ҷамъ - сатҳи 2 (5 супориш)	60,4%	56,2%	64,6%	68,6%	52,8%	62,0%	59,2%

Амали тарҳ - сатҳи 1	10.29	10.25	12.03	11.30	10.16	11.71	10.88
Амали тарҳ - сатҳи 2 (5 супориш)	49,2%	43,0%	50,2%	56,0%	39,0%*	52,4%	46,6%
Ҳалли масъалаҳо (5 супориш)	42,0%	36,4%	42,8%	39,2%	34,4%	39,0%	39,4%

Ҷадвали 13. Холҳои миёна дар бахшҳои иҷрои амалҳои АМСИ аз рӯйи минтақаҳо – Синфи 4-и тоҷикӣ

Бахш	Бохтар (n=336)	НТҶ (n=335)	Душанбе (n=200)	ВМКБ (n=100)	Кӯлоб (n=332)	Суғд (n=293)	Ҳамагӣ (n=1,596)
Хондани ададҳо (Ададидуруст дар 1 дақиқа)	25.32	25.30	29.79	29.25	25.43	29.17	26.44
Амали ҷамъ сатҳи 1 (Амали дурусти ҷамъ дар 1 дақиқа)	13.96	13.85	15.52	12.56	13.30	15.53	14.35
Амали тарҳ сатҳи 1 (Амали дурусти тарҳ дар	10.43	10.51	11.79	10.41	9.69	12.56	10.89

1 дақиқа)							
Амали зарб сатҳи 1 (Амали дурусти зарб дар 1 дақиқа)	9.31	9.23	10.01	10.87	9.11	11.13	9.70
Амали тақсим сатҳи 1 (Амали дурусти тақсим дар 1 дақиқа)	8.13	8.13	9.50	10.14	7.18	11.27	8.72
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2 (8 супориш)	70,9%	65,9%	72,4%	78,3%	60,9%	77,6%	69,8%
Ҳалли масъалаҳо (5 супориш)	56,4%	48,2%	48,8%	52,2%	44,8%	57,8%	50,8%

Барои муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон русӣ: Ҷадвалҳои 14 ва 15 мутаносибан натиҷаҳои умумии синфи 2-и русиро барои ҳамаи бахшҳо ва фоизи холҳои сифрро барои ҳамаи бахшҳо нишон медиҳанд. Барои бахши “Хондани ададҳо” холҳои сифр миқдори хеле кам (0,75%)-ро ташкил медиҳад ва аксари хонандагон дар дақиқаи додашуда ҳамаи 20 рақамро хонда тавонистанд. Барои бахши “Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо” таносуби холҳои сифр бештар буд, ки 15,07% хонандагон натавонистанд разряди ададҳоро дар ҳар се супориш дуруст муайян кунанд ва ба ҳисоби миёна ҷавобҳои дуруст 72,04%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Ҳосил кардани адади 20” 14,73% хонандагон натавонистанд ба ҳеҷ кадоме аз панҷ супориш

дуруст ҷавоб диҳанд. Ба ҳисоби миёна ҷавобҳои дуруст аз рӯйи ин супориш 68,23%-ро ташкил медиҳад. Дар иҷрои супоришҳои бахши “Геометрия” таносуби камтари холҳои сифр (0,36%) мушоҳида шуда, ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст 94,33%-ро ташкил медиҳад.

Бахши “Ҳисса ва каср” танҳо як супориш дорад, ки ҷавобҳои дуруст аз рӯйи он ба ҳисоби миёна 92,28%-ро ташкил медиҳад. Ду масъала аз бахши “Масъалаҳо оид ба асъори миллӣ” нишон доданд, ки 34,43% хонандагони синфи 2 ба ҳар кадоме аз ин масъалаҳо дуруст ҷавоб дода натавонистанд ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 46,54%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Пайдарҳамии ададҳо” ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 46,67%-ро ташкил карданд. Барои бахши “Амали ҷамъ -сатҳи 1” ҳиссаи холҳои сифр 0,33% ва ба ҳисоби миёна 16,79 ҷавоби дурусти амали ҷамъро дар 1 дақиқа нишон дод. Барои бахши “Амали тарҳ - сатҳи 1” ҳиссаи холҳои сифр каме баландтар (1,42%) ва ҳисоби миёнаи бахши “Амалҳои ҷамъ” каме пасттар 14,80 ҷавоби дурусти амали ҷамъро дар 1 дақиқа нишон медиҳад. Барои бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 2” ҳиссаи холҳои сифр 5,52%-ро ташкил мекунад, дар сурате, ки бахши “Амали тарҳ - сатҳи 2” 13,03% холҳои сифрро нишон медиҳад. Ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст барои бахши “Амали ҷамъ – сатҳи 2”, 73,43%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши амали тарҳ сатҳи 2, он 60,21%-ро ташкил кард. Ниҳоят, барои бахши ҳалли масъалаҳо таносуби холҳои сифр 16,91% ва ҳисоби миёнаи ҷавобҳои дуруст 48,23%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 14. Натиҷаҳои умумии арзёбии АМСИ – Синфи 2-и русӣ

Бахш	Синфи 2 (n=875) Миёна (95% Шинохти дуруст (ШД-СІ)
Хондани ададҳо (Ададҳои дуруст дар 1 дақиқа)	44,94 (42,24; 47,65)
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо (% ҷавобҳои дуруст)	72,04% (68,23; 75,67)
Ҳосил кардани адади 20 (% ҷавобҳои дуруст)	68,23% (64,62; 71,82)
Геометрия (% ҷавобҳои дуруст)	94,33% (93,01; 95,67)
Ҳисса ва каср (% ҷавобҳои дуруст)	92,28% (90,37; 94,42)
Ҳалли масъалаҳо оид ба асъори миллӣ (% дуруст)	46,54% (43,29; 50,54)
Пайдарҳамии ададҳо (% ҷавобҳои дуруст)	46,67% (42,67 51,18)

Амали ҷамъ - сатҳи 1	16.79 (16,03; 17,54)
Амали ҷамъ - сатҳи 2 (% ҷавобҳои дуруст)	73,43% (70,24; 76,47)
Амали тарҳ - сатҳи 1	14.80 (14.10; 15.50).
Амали тарҳ - сатҳи 2 (% ҷавобҳои дуруст)	60,21% (56,47; 63,83)
Ҳалли масъалаҳо (% ҷавобҳои дуруст)	48,23% (44,24%; 52,48)

Ҷадвали 15. Фоизи хонандагоне, ки аз арзёбии АМСИ аз рӯйи бахшҳо холи сифр гирифтанд – Синфи 2-и русӣ

Бахш	Синфи 2 (n=875) % Холи сифр
Хондани ададҳо (Ададҳои дуруст дар 1 дақиқа)	0,75%
Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо	15,07%
Ҳосил кардани адади 20	14,73%
Геометрия	0,36%
Ҳисса ва каср	7,93%
Ҳалли масъалаҳо оид ба асъори миллӣ	34,43%
Пайдарҳамии ададҳо	22,38%
Амали ҷамъ - сатҳи 1	0,33%
Амали ҷамъ - сатҳи 2	5,52%
Амали тарҳ - сатҳи 1	1,42%
Амали тарҳ - сатҳи 2	13,03%
Ҳалли масъалаҳо	16,91%

Ҷадвалҳои 16 ва 17 натиҷаҳои умумии синфи 4-и русӣ ва фоизи холҳои сифр барои ҳамаи супоришҳоро нишон медиҳанд. Барои бахши “Хондани ададҳо” холҳои сифр миқдори хеле камро (0,81%) ташкил медиҳанд ва аксари хонандагон дар вақти додашуда ҳамаи 20 ададҳоро хонда тавонистанд. Барои бахши “Ба разрядҳо ҷудо кардани ададҳо” таносуби бештари холҳои сифр мушоҳида мешавад, ки 15,30%-и хонандагон натавонистанд разрядҳоро дар ҳар се супориш дуруст муайян кунанд ва ба ҳисоби миёна ҷавобҳои дуруст 66,72%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Амали ҷамъ” дар ҳудуди 20, 3,31% хонандагон натавонистанд ба ҳеҷ кадоме аз панҷ супориш дуруст ҷавоб диҳанд ва ҷавобҳои дуруст аз рӯйи ин бахш ба ҳисоби миёна 66,27%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Геометрия” таносуби баландтарини холҳои сифр (61,56%) ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 28,09%-ро ташкил медиҳад.
Бахши “Муқоисаи касрҳо” аз шаш супориш иборат буда, ҳиссаи холҳои сифр ҳамагӣ 2,38% ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 47,68%-ро ташкил медиҳад. Натиҷаҳои бахши “Масъалаҳо оид ба асъори миллӣ” нишон доданд, ки 46,62% хонандагони синфи 2 ба ҳар кадоми ин супориш дуруст ҷавоб дода натавонистанд ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 34,54%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Пайдарҳамии ададҳо” таносуби холҳои сифр 13,15% буда, ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 56,54%-ро ташкил медиҳад. Барои бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 1” бо мураккабшавии амалҳо коҳиши натиҷаҳои таълимӣ бо афзоиши ғайричашмдошти ҳамзамони натиҷаҳои амали тақсим мушоҳида мешавад. Барои бахши “Амали ҷамъ - сатҳи 1” таносуби холҳои сифр 0,17% ва ба ҳисоби миёна 17,46 ҷавобҳои дурусти амали ҷамъро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Натиҷаҳо аз рӯйи бахши “Амали тарҳ - сатҳи 1” таносуби каме баландтари холҳои сифр (1,25%) ва ба ҳисоби миёна аз амалҳои ҷамъ пасттарро дар сатҳи 14,42 ҷавобҳои дурусти амали тарҳро дар 1 дақиқа нишон медиҳад. Барои бахши “Амали зарб -сатҳи 1” таносуби холҳои сифр 1,24% ва ба ҳисоби миёна 12,27 ҷавобҳои дурусти амали зарбро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Барои бахши “Амали тақсим - Сатҳи 1” таносуби холҳои сифр 4,36% ва ба ҳисоби миёна 14,61 ҷавобҳои дурусти амали тақсимро дар 1 дақиқа ташкил медиҳад. Барои бахши “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” таносуби холҳои сифр 1,70% ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 70,88%-ро ташкил медиҳад. Ниҳоят, барои бахши “Ҳалли масъалаҳо” таносуби холҳои сифр 8,67% ва ҷавобҳои дуруст ба ҳисоби миёна 55,27%-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 16. Натиҷаҳои умумии арзёбии АМСИ – Синфи 4-и русӣ

Бахш	Синфи 4 (n=801) Ҳисоб (95% ШД*)
Хондани ададҳо	24.02

	(21,62; 26,43)
Ба разрядҳо ҷудо кардани адад (% ҷавоби дуруст)	66,72% (62,33; 71,18)
Ду маротиба зиёд кардани адад (% ҷавоби дуруст)	66,27% (62,04; 70,23)
Геометрия (% ҷавоби дуруст)	28,09% (22,54; 33,18)
Муқоисаи касрҳо (% ҷавоби дуруст)	47,68% (44,83; 50,54)
Ҳалли масъалаҳо оид ба асъори миллӣ (% ҷавоби дуруст)	34,54% (30,05%; 39,23)
Пайдарҳамии ададҳо (% ҷавоби дуруст)	56,54% (52,63; 60,53)
Амали ҷамъ - сатҳи 1	17.46 (16,41; 18,51)
Амали тарҳ - сатҳи 1	14.42 (13,46; 15,38)
Амали зарб - сатҳи 1	12.27 (11,61; 12,93)
Амали тақсим - сатҳи 1	14.61 (13,32; 15,90)
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2 (% ҷавоби дуруст)	70,88% (66,89; 74,83)
Ҳалли масъала (% ҷавоби дуруст)	55,27% (51,64; 58,83)

Ҷадвали 17. Фоизи хонандагоне, ки дар арзёбии АМСИ аз рӯйи бахшҳо баҳои сифр гирифтанд – Синфи 4-и русӣ

Бахш	Синфи 4 (n=801) % Холи сифр
Хондани ададҳо	0,81%
Ба разрядҳо ҷудо кардани адад	15,30%
Ду маротиба зиёд кардани адад	3,31%
Геометрия	61,56%
Муқоисаи касрҳо	2,38%
Ҳалли масъалаҳо оид ба асъори миллӣ	46,62%
Пайдарҳамии ададҳо	13,15%
Амали ҷамъ - сатҳи 1	0,17%
Амали тарҳ - сатҳи 1	1,25%

Амали зарб - сатҳи 1	1,24%
Амали тақсим - сатҳи 1	4,36%
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2	1,70%
Ҳалли масъала	8,67%

Дар диаграммаҳои 27 ва 28 натиҷаҳои арзёбии АМСИ-и хонандагони синфҳои 2 ва 4-и русӣ дар бахшҳое, ки вақт маҳдуд аст “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” ва “Ҳалли масъалаҳо” аз рӯйи ҷинс нишон дода шудаанд. Дар синфҳои 2 ва 4 натиҷаҳои писарон дар ҳама бахшҳое, ки вақт маҳдуд аст аз духтарон баландтаранд. Дар синфи 2, холҳои миёнаи писарон дар бахшҳое, ки вақт маҳдуд аст (“Амали ҷамъ” ва “Амали тарҳ”) баландтаранд. Дар синфи 4 писарон дар бахшҳои “Амали ҷамъ”, “Амали тарҳ”, “Амали зарб” ва “Амали тақсим” холҳои миёнаи баландтар гирифтанд.

Диаграммаи 27. Холҳои миёнаи дар бахшҳои арзёбии АМСИ, ки вақт маҳдуд аст, аз рӯйи ҷинс – забони русӣ



Диаграммаи 28. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” ва “Ҳалли масъалаҳо” аз рӯйи ҷинс – забони русӣ



Дар диаграммаҳои 29 ва 30 натиҷаҳои арзёбии АМСИ дар синфҳои 2 ва 4 аз рӯйи шаҳру деҳот нишон дода шудаанд. Дар ин бахшҳо байни хонандагони шаҳр ва деҳот фарқи зиёде вуҷуд надорад. Ягона тафовути назаррас дар бахши “Хондани ададҳо” буд, ки дар он хонандагони шаҳр нисбат ба хонандагони деҳот дар синфҳои 2 ва 4 натиҷаҳои хубтар доранд.

Диаграммаи 29. Холҳои миёнаи дар бахшҳои арзёбии АМСИ, ки вақт маҳдуд аст, аз рӯйи шаҳру деҳот – забони русӣ



Диаграммаи 30. Фоизи миёнаи ҷавобҳои дуруст дар бахшҳои “Иҷрои амалҳо - сатҳи 2” ва “Ҳалли масъалаҳо” аз рӯйи шаҳру деҳот – забони русӣ



Дар ҷадвалҳои 18 ва 19 натиҷаҳои хонандагони синфҳои 2 ва 4-и русӣ аз рӯйи минтақаҳо оварда шудаанд. Натиҷаҳои минтақаҳо дар аксари бахшҳои арзёбии АМСИ монанданд. Дар синфи 2 минтақаи Суғд дар бахши “Ҳалли масъалаҳо” нисбати дигар минтақаҳо натиҷаҳои хубтар дорад. Тафовути ба ин монанд дар синфи 4 низ мушоҳида мешавад.

Ҷадвали 18. Холҳои миёнаи бахши амалҳо-и АМСИ-и Синфи 2-и русӣ аз рӯйи минтақа

Бахш	Бохтар (n=142)	НТҶ (n=100)	Душанбе (n=150)	Кӯлоб (n=19)	Суғд (n=464)	Ҳамагӣ (n=875)
Хондани ададҳо	45.15	46.18	49.11	51.51	39,74	44,94
Амали ҷамъ - сатҳи 1	16.23	17.06	16.54	21.88	16.86	16.79
Амали ҷамъ - сатҳи 2 (5 супориш)	3.30	3.49	3,75	3,78	3,77	3.67
Амали тарҳ - сатҳи 1	14.22	15.02	14.34	18.31	15.19	14.80
Амали тарҳ - сатҳи 2	2.78	2.72	2,96	3,95	3.20	3.01

(5 супориш)						
Ҳалли масъалаҳо (5 супориш)	2.12	2.05	2.18	3.07	2.82	2.41

Ҷадвали 19. Холҳои миёнаи бахши амалҳо-и арзёбии АМСИ-и синфи 4-и русӣ аз рӯйи минтақа

Бахш	Бохтар (n=101)	DRS (n=141)	Душанбе (n=139)	ВМКБ (n=5)	Кӯлоб (n=18)	Суғд (n=397)	Ҳамагӣ (n=801)
Хондани ададҳо	22.45	21.13	25.41	18.04	16.98	24.53	24.02
Амали ҷамъ - сатҳи 1	16.54	16.64	17.82	13.98	16.08	17.76	17.46
Амали тарҳ - сатҳи 1	13.34	13.14	14.77	12.78	13.58	14.96	14.42
Амали зарб - сатҳи 1	11.60	11.72	12.40	8.70	11.54	12.60	12.27
Амали тақсим - сатҳи 1	12.61	13.48	14.20	9.95	14.92	16.15	14.61
Иҷрои амалҳо - сатҳи 2 (8 супориш)	4.41	5.11	6.05	5.79	5.75	5.83	5.67
Ҳалли масъалаҳо (5 супориш)	2.38	2.04	2.83	2,70	2,85	3.12	2.76

Баъзе ҷанбаҳои таҳлили муқоисавии натиҷаҳои АМСИ:

- Аз рӯйи минтақаҳо, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Душанбе ва Суғд аз минтақаҳои дигари муассисаҳои таълимии тоҷикӣ натиҷаҳои беҳтар доранд.

- Муассисаҳои таълимии русӣ дар минтақаи Суғд аз дигар минтақаҳо натиҷаҳои беҳтар доранд.
- Дар муассисаҳои таълимии забони таълимашон тоҷикӣ писарон дар аксари бахшҳо аз духтарон натиҷаҳои беҳтар доранд.
- Дар муассисаҳои таълимии забони таълимашон русӣ синфи 2 аз рӯйи ҷинсҳо тафовут қариб ба назар намерасад, вале натиҷаҳои синфи 4 нишон доданд, ки писарон дар ҳамаи панҷ бахш аз духтарон натиҷаҳои беҳтар доранд.
- Дар муассисаҳои таълимии забони таълимашон тоҷикӣ хонандагони шаҳр аз хонандагони деҳот натиҷаҳои хубтар нишон доданд.
- Дар муассисаҳои таълимии забони таълимашон русӣ дар синфи 2 қариб ягон фарқият аз рӯйи шаҳру деҳот ба назар нарасид.
- Натиҷаҳои муассисаҳои таълимие, ки забони таълимашонро аз ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ табдил доданд, хонандагонашон аз муассисаҳои таълимии забони таълимашон тоҷикӣ дар синфи 2 пасттар аст. Дар синфи 4 фарқиятҳо камтар буданд.

Арзёбии омӯзиши иҷтимоӣ-эҳсосотӣ (ОИЭ)

Саволи тадқиқотии 3: Малакаҳои иҷтимоӣ-эҳсосотии хонандагони синфҳои 2 ва 4 дар муассисаҳои таълимии забони таълимашон тоҷикӣ ва русӣ чӣ гунаанд?

Саволи тадқиқотии 5: Муносибати байни натиҷаҳои ОИЭ ва пешрафти хонандагон дар хониш ва математика чӣ гуна аст?

Арзёбии ОИЭ бо ҳашт хонандаи синфи 2 (чор писар ва чор духтар) ва ҳашт хонандаи синфи 4 (чор писар ва чор духтар) гузаронида шуд. Хонандагоне, ки дар ОИЭ баҳогузорӣ шуданд, инчунин мавриди арзёбии АХСИ ё АМСИ қарор гирифтанд. Ин имкон дод, ки натиҷаҳои ҳар ду арзёбӣ муқоиса карда шаванд. Дар ҳар як синф, ду писару ду духтар аз гурӯҳи хонандагони барои арзёбии АХСИ интихобшуда ва ду писару ду духтар аз гурӯҳи хонандагони барои арзёбии АМСИ интихобшуда мавриди арзёбии ОИЭ қарор дода шуданд. Ҷадвали 20 гурӯҳи хонандагони барои ОИЭ интихобшударо нишон медиҳад, ки аз рӯйи забони таълими муассисаи таълимӣ, синф ва ҷинс тақсим карда шудааст.

Ҷадвали 20. Шумораи хонандагони барои арзёбии ОИЭ интихобшуда аз рӯйи ҷинс, забони таълим ва синф

	Синфҳои забони таълимашон тоҷикӣ		Ҳамагӣ аз рӯйи ҷинс	Синфҳои забони таълимашон русӣ		Ҳамагӣ аз рӯйи ҷинс
	Синфи 2	**Синфи 4**		**Синфи 2**	**Синфи 4**	
Писарон	674	675	**1,349**	357	352	**709**
Духтарон	684	679	**1,363**	330	321	**651**
Ҳамагӣ аз рӯйи синф	**1,358**	**1,354**	**2,712**	**687**	**673**	**1,360**

Арзёбии ОИЭ, ки Лоиҳаи “Биё, ҳамроҳ омӯзем” гузаронд, аз 7 бахш иборат аст. Ҷадвали 21 шарҳи воситаҳои арзёбии ОИЭ-ро барои ҳар ду синф ва шумораи супоришҳоро дар ҳар як бахш нишон медиҳад.

Ҷадвали 21. Шарҳи арзёбии ОИЭ

Бахшҳои ОИЭ	Шумораи супоришҳо
Муносибат ва муомила	13
Идоракунии стресс	3
Ҳамдилӣ	6
Истодагарӣ	4
Ҳалли низоъ	4
Муносибат бо хонандагон	14
Худбаҳодиҳӣ	8

Барои баҳодиҳӣ аз рӯйи бахши “Ҳамдилӣ”, санҷишгарон ба хонандагон расми духтар ё писареро, ки гиря мекунанд, нишон доданд ва ба онҳо як чанд савол доданд, ки духтар/писар чӣ ҳис мекунад ва онҳо барои ором кардани ӯ чӣ кор карда метавонанд. Санҷишгарон инчунин ба кӯдакон вазъиятеро пешниҳод карданд, ки дар он нияти кӯдак метавонад ҳам бадхоҳона ва ҳам некхоҳона маънидод карда шавад ва аз онҳо хоҳиш кард, ки ниятро шарҳ диҳанд. Дар диаграммаи 31 ҷавобҳои хонандагони синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ нишон дода шудаанд. Аксарияти хонандагон (80%) тавонистанд аз расм ташхис кунанд, ки духтар худро чӣ гуна ҳис мекунад. Қисми камтари хонандагон тавонистанд роҳи ором кардани духтарро муайян кунанд ё нишон диҳанд, ки чаро кӯдаки дигар духтарро тела додааст. Фоизи камтари хонандагон дуруст ташхис карданд, ки духтар дар расми дуюм худро чӣ гуна ҳис мекунад, назар ба он чизе ки дар расми аввал мушоҳида шудааст. Танҳо нисфи синфи 2 ва 58% хонандагони синфи 4 як роҳи ором кардани кӯдакро муайян карда

тавонистанд. Ба ҳисоби миёна, хонандагони синфи 2 ба 57,27% саволҳои бахши “Ҳамдилӣ” ҷавоб доданд ва барои синфи 4 ин 66,39%-ро ташкил кард. Фарқи байни синфҳо аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст (p<0,001).

Диаграммаи 31. Бахши “Ҳамдилӣ” – Фоизи ҷавобҳои мувофиқ аз рӯйи синф – синфҳои тоҷикӣ



Барои баҳодиҳии “Истодагарӣ”-и кӯдакон дар як фаъолияти душвори расмкашӣ иштирок карданд. Аз хонандагон хоҳиш карда шуд, ки бо дасти ғайрифаъоли худ дар зарфи 60 сония расм кашанд. Агар кӯдак расмро дар давоми 60 сония анҷом дода бошад ё ҳанӯз дар охири 60 сония расмкаширо идома дода бошад, он қобили қабул қайд карда шуд ва онҳо ба расми навбатӣ гузаштанд. Тавре ки дар расми 32 дида мешавад, 33% хонандагони синфи 2 ва 18% хонандагони синфи 4 умуман кӯшиши расмкашӣ накарданд. 40%-и хонандагони синфи 2 ва 56%-и хонандагони синфи 4 барои гузаштан ба расми 4-ум истодагарӣ карда, корро анҷом доданд. Ба ҳисоби миёна, хонандагони синфи 2, тасвир кардани 2,17 расм ва хонандагони синфи 4 тасвир кардани 2,85-ро кӯшиш карданд. Ин фарқи байни синфҳо аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст (p<0,001).

Диаграммаи 32. Бахши “Истодагарӣ” - Шумораи кӯшишҳои расмкашии хонандагон аз рӯйи синфҳо – тоҷикӣ



Барои арзёбӣ аз рӯйи бахши “Ҳалли низоъ” ба хонандагон вазъият пешниҳод шуд, ки “ Агар бо бозичаи дӯстдоштаи худ бозӣ мекунанд ва ҳамсинфашон мехоҳад бо ҳамон бозича бозӣ кунад, чӣ гуна рафтор мекунанд?” Барои ин бахш, тавре ки дар диаграммаи 33 нишон дода шудааст, 26% хонандагони синфи 2 стратегияи ҳалли низоъро нишон надоданд, дар синфи 4 ин нишондод 15%-ро ташкил кард. Мутаносибан, 24% хонандагони синфи 2 ва 37% хонандагони синфи 4 чор роҳи ҳалли низоъро пешниҳод карданд. Хонандагони синфи 2 ба ҳисоби миёна 1,97 ва хонандагони синфи 4 ба ҳисоби миёна 2,48 роҳи ҳалро муайян карданд. Фарқи байни синфҳо аз ҷиҳати омори назаррас аст ($p<0,001$).

Диаграммаи 33. Бахши “Ҳалли низоъ” - Шумораи роҳҳои ҳалли муайянкардаи хонандагон аз рӯйи синфҳо – тоҷикӣ



Бо кӯдакони хурдсол арзёбии малакаҳо аз бахши “Худбаҳодиҳӣ” тавассути тадбирҳои маълумотдиҳии мустақилона душвор аст. Аз ин рӯ, дар бахши мазкур фаъолияти расмкашӣ истифода бурда мешавад, то арзёбӣ карда шавад, ки оё кӯдак метавонад ояндаи умедбахшро барои худ тасаввур кунад ё дастгирии воқеӣ ва монеаҳоро барои расидан мақсадҳои ояндаи худ муайян кунад. Тавре ки дар диаграммаи 34 дар зер нишон дода шудааст, дар бахши “Худбаҳодиҳӣ” хонандагони синфи 4 назар ба хонандагони синфи 2 малакаи баландтарроо нишон доданд. Аксари хонандагон расми худро шарҳ дода тавонистанд. 20% хонандагони синфи 2 ва 25% хонандагони синфи 4 худро дар расм тасвир карданд. Аз 8 супориши бахш фоизи миёнаи хонандагоне, ки фикри худро дуруст ифода карда тавонистанд, дар синфи 2 - 43,6% ва дар синфи 4 - 54,05%-ро ташкил кард. Ин фарқ аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст ($p<0,001$).

Диаграммаи 34. Бахши “Худбаҳодиҳӣ” - Фоизи ҷавобҳои мувофиқ аз рӯйи синфҳо – тоҷикӣ



Барои муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон русӣ: Диаграммаи 35 нишон медиҳад, ки қариб ҳамаи хонандагон тавонистанд муайян кунанд, ки дар расми пешниҳодшуда духтар чӣ эҳсосот дорад. Таносуби камтари хонандагон тавонистанд як роҳи ором кардани духтарро муайян кунанд. Аз чор се ҳиссаи хонандагони синфи 2 ва 4 тавонистанд дуруст муайян кунанд, ки чаро кӯдаки дигар духтарро тела додааст. 61% хонандагони синфи 2 ва 69% хонандагони синфи 4 ҳиссиёти кӯдаки дигарро дуруст муайян карданд. Фоизи камтари хонандагон дуруст ташхис карданд, ки духтар дар расми дуюм чӣ эҳсосот дорад, аммо ин фоизҳо ҳоло ҳам хеле баланданд. Аз чор се ҳиссаи хонандагони синфи 2 ва 83% хонандагони синфи 4 метавонанд як роҳи ором кардани кӯдакро муайян кунанд. Ба ҳисоби миёна 78,52% хонандагони синфи 2 ба саволҳои бахши “Ҳамдилӣ” дуруст ҷавоб доданд, вале ин ба ҳисоби миёна барои хонандагони синфи 4 - 84,70%-ро ташкил кардааст. Фарқи байни синфҳо аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст (p=0,003). Хонандагони синфи 4 нисбат ба хонандагони синфи 2 бештари супоришҳои бахши “Ҳамдилӣ”-ро дуруст иҷро карданд.

Расми 35. Бахши “Ҳамдилӣ” – Фоизи ҷавобҳои мувофиқ аз рӯйи синфҳо – русӣ



Тавре ки дар диаграммаи 36 дида мешавад, танҳо 10% хонандагони синфи 2 ва 5% хонадагони синфи 4 кӯшиши расмкашӣ накарданд. Аксари хонандагони синфи 2 (84%) ва хонандагони синфи 4 (92%) кӯшиш карданд, ки ҳар чор расмро кашанд. Хонандагони синфи 2 ба ҳисоби миёна 3,46 ва хонандагони синфи 4 ба ҳисоби миёна 3,74 расм кашиданд.

Диаграммаи 36. Бахши “Истодагарӣ”: шумораи кӯшишҳои расмкашии хонандагон аз рӯйи синфҳо – русӣ



Барои бахши “Ҳалли низоъ”, тавре ки дар диаграммаи 37 нишон дода шудааст, 10% хонандагони синфи 2 ва 4% хонандагони синфи 4 роҳҳои ҳалли низоъро пешниҳод накарданд. 59% хонандагони синфи 2 ва 61% хонандагони синфи 4 - 4 роҳи ҳалли низоъро пешниҳод карданд. Хонандагони синфи 2 ба ҳисоби

миёна 3,10 роҳи ҳал ва хонандагони синфи 4 ба ҳисоби миёна 3,27 роҳи ҳалро муайян карданд. Тафовут байни синфҳо аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст (p=0,049) ва хонандагони синфи 4 нисбат ба хонандагони синфи 2 ба ҳисоби миёна бештар роҳҳои ҳалли низоъро пешниҳод карданд.

Диаграммаи 37. "Ҳалли низоъ": миқдори роҳҳои ҳалли низоъ, ки хонандагон пешниҳод кардаанд, аз рӯйи синфҳо –русӣ



Тавре ки дар диаграммаи 38 нишон дода шудааст, дар бахши "Худбаҳодиҳӣ" хонандагони синфи 4 назар ба хонандагони синфи 2 худбаҳодиҳии баландтар нишон медиҳанд. Аксари хонандагон тавонистанд расми худро тасвир кунанд, аммо танҳо 48% хонандагони синфи 2 ва 49% хонандагони синфи 4 худро ба расм дохил карданд. Аз 8 супориши бахш ба ҳисоби миёна 59,90% хонандагони синфи 2 ва 63,35% хонандагони синфи 4 ба супоришҳо ҷавоби мувофиқ дода тавонистанд. Ин фарқият аз ҷиҳати оморӣ назаррас нест (p=0,096).

Диаграммаи 38. Бахши “Худбаҳодиҳӣ” – Фоизи ҷавобҳои мувофиқ аз рӯйи синфҳо – русӣ



Аз рӯйи ҷинс, шаҳру деҳот ё минтақа дар доираи тадбирҳои ОИЭ фарқи назаррасе вуҷуд надорад, аммо фарқ дар байни синфҳо ба назар мерасад. Барои хонандагони забони таълимашон тоҷикӣ байни натиҷаҳои синфи 2 ва синфи 4 дар 6 бахши ОИЭ фарқи назаррас вуҷуд дорад: “Муносибат ва муомила”, “Идоракунии стресс”, “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ”. Дар ҳама ҳолатҳо, хонандагони синфи 4 нисбат ба хонандагони синфи 2 шумораи бештари ҷавобҳои мувофиқро пешниҳод намуданд.

Барои хонандагони забони таълимашон русӣ, байни синфҳо дар се бахши ОИЭ фарқ аз ҷиҳати оморӣ назаррас аст: “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ” ва “Ҳалли низоъ”. Мисли хонандагони синфҳои тоҷикӣ, дар ҳама ҳолатҳо, хонандагони синфи 4 нисбат ба хонандагони синфи 2 шумораи бештари ҷавобҳои мувофиқро пешниҳод намуданд.

Байни бахшҳои арзёбии иҷтимоӣ-эҳсосотӣ ва бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” алоқаи зерин дида мешавад:

- **Синфи 2-и тоҷикӣ**: Хонандагоне, ки дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ” холи баланд гирифтанд мутаносибан дар бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” низ баҳои баланд гирифтанд;
- **Синфи 4-и тоҷикӣ**: Хонандагоне, ки дар бахшҳои “Идоракунии стресс”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ” холи баланд гирифтанд мутаносибан дар бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” низ баҳои баланд гирифтанд. Илова бар ин холҳои баландтари бахши “Истодагарӣ” бо холҳои баландтари бахши “Хониши равон” алоқаманданд. Холҳои

баландтари бахши “Ҳамдилӣ” бо холҳои баландтари “Дарки маънои матни хонда” низ алоқаи зич доранд;

- **Синфи 2-и русӣ**: Хонандагоне, ки дар бахшҳои “Идоракунии стресс”, “Ҳамдилӣ” ва “Ҳалли низоъ” холи баланд гирифтанд мутаносибан дар бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” низ баҳои баланд гирифтанд;
- **Синфи 4-и русӣ**: Холҳои баландтари бахши “Идоракунии стресс” ва “Ҳамдилӣ” бо холҳои баландтари бахши “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” алоқаманданд. Илова бар ин холҳои баландтари бахши “Истодагарӣ” бо холҳои баландтари бахши “Хониши равон” ва холҳои баландтари бахши “Худбаҳодиҳӣ” бо холҳои баландтари бахши “Дарки маънои матни хонда” алоқаманданд.

Алоқамандӣ байни бахшҳои арзёбии иҷтимоӣ-эҳсосотӣ ва фоизи холҳои умумии арзёбии математика нишон доданд, ки танҳо дар баъзе мавридҳо малакаҳои иҷтимоӣ-эҳсосотӣ (“Ҳалли низоъ”, “Ҳамдилӣ” ва “Истодагарӣ”) бо нишондиҳандаҳои беҳтари математика алоқаманданд:

- **Синфи 2-и тоҷикӣ**: Ягон алоқамандии назаррас бо холҳои арзёбии АМСИ вуҷуд надорад;
- **Синфи 4-и тоҷикӣ**: Холҳои баландтари бахши “Ҳалли низоъ” бо холҳои баландтари арзёбии АМСИ алоқаманд буданд.
- **Синфи 2-и русӣ**: Холҳои баландтари бахши “Ҳамдилӣ” бо холҳои баландтари арзёбии АМСИ алоқаманданд;
- **Синфи 4-и русӣ**: Холҳои баландтари бахши “Истодагарӣ” бо холҳои баландтари арзёбии АМСИ алоқаманданд.

Алоқамандии байни Шарҳи самаранокии идоракунии муассисаи таълимӣ (ШСИМТ-SSME) ва натиҷаҳои хонандагон дар арзёбиҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ

Саволи тадқиқотии 4: Кадом хусусиятҳои хонанда, омӯзгор ва шароити муассисаи таълимӣ бо сатҳи баланди малакаҳои хониш, математика ва бахшҳои омӯзиши иҷтимоӣ-эҳсосотӣ алоқаманданд?

Ҷадвали 22 намунаҳои ШСИМТ-ро барои ҳар як восита, ки аз рӯйи забони таълим дар муассисаи таълимӣ ҷудо карда шудаанд, нишон медиҳад.

Ҷадвали 22. Шумораи гурӯҳҳои интихобшуда барои арзёбии воситаҳои ШСИМТ аз рӯйи забон

	Русӣ	Тоҷикӣ	Ҳамагӣ
Мусоҳиба бо директори муассисаи таълимӣ	108	177	285
Мусоҳиба бо омӯзгор	291	521	812
Мусоҳиба бо роҳбари иттиҳодияи методӣ	104	167	271

Мусоҳиба оид ба шароити хонандагон	3,467	6,445	9,912
Мушоҳидаи дарс	352	676	1,028

Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ. Ҷадвали 23 таносуби хонандагонеро нишон медиҳад, ки ба саволҳои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ посухи «ҳа» додаанд. Тавре ки дида мешавад, аксари хонандагон гузориш доданд, ки ин ашёро дар хона доранд. Ин натиҷаҳо ба мо имкон намедиҳанд, ки муносибати вазъи иҷтимоӣ иқтисодиро бо натиҷаҳои арзёбии АХСИ ва АМСИ алоқаманд намоем. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки пеш аз ҷамъоварии маълумоти миёнамуҳлат, гурӯҳи кории арзёбӣ саволҳои вазъи иҷтимоию иқтисодиро таҷдиди назар намояд.

Ҷадвали 23. Тавсифи саволҳо дар бораи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ барои хонандагони синфҳои тоҷикӣ ва русӣ

Саволи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ	Русӣ	Тоҷикӣ
Оё шумо дар хона телевизор доред?	98%	98%
Оё шумо дар хона компютер ё планшет доред?	61%	38%
Оё дар хонаи шумо велосипед ҳаст?	71%	72%
Оё дар хонаи шумо мошин ҳаст?	66%	52%
Оё касе дар оилаи шумо телефони мобилӣ дорад?	98%	98%

Ҷадвали 24 ҷавобҳои хонандагони муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон тоҷикӣ оид ба **забони муомила дар хонаро** нишон медиҳад. Аз хонандагон пурсида шуд, ки онҳо дар хона бо кадом забон(ҳо) гуфтугӯ мекунанд. Дар ҷадвал таносуб барои ҳамаи хонандагони интихобшудаи муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон тоҷикӣ ва забони таҳсилашон аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ гардонида, алоҳида нишон дода шудааст.

Ҷадвали 24. Забони муомилаи хонандагони муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон тоҷикӣ дар хона

Забони муомила дар хона	Ҳамаи хонандагони забони таҳсилашон тоҷикӣ	Хонандагони муассисаҳои таълимие, ки забони таҳсилашонро аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ иваз карданд
Тоҷикӣ	73,9%	47,3%

Русӣ	2,3%	1,0%
Помирӣ	4,1%	0,01%
Ӯзбекӣ	29,6%	66,9%

[1] Фоизҳо ба 100% намерасанд, зеро хонандагон метавонанд забонҳои гуногунро нишон диҳанд.

Ҷадвали 25 ҷавобҳои хонандагони муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон русӣ оид ба **забони муомила дар хонаро** нишон медиҳад. Илова бар ин, 44,9% хонандагон қайд карданд, ки дар хона ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ гуфтугӯ мекунанд.

Ҷадвали 25. Забони муомилаи хонандагони интихобшудаи муассисаҳои таълимии забони таҳсилашон русӣ дар хона

Забони муомила дар хона	Хонандагони забони таҳсилашон русӣ
Тоҷикӣ	66,2%
Русӣ	68,4%
Помирӣ	1,1%
Ӯзбекӣ	28,6%

[1] Фоизҳо ба 100% намерасанд, зеро хонандагон метавонанд забонҳои гуногунро нишон диҳанд.

Муносибати забони гуфтугӯ дар хона ва натиҷаҳои бахши «Хониши равон» ва «Дарки маънои матни хонда»-и арзёбии АХСИ ва натиҷаҳои арзёбии АМСИ таҳлил карда шуд. Натиҷаҳои ин таҳлил дар бобҳои дахлдор оварда шуданд.

Тибқи гузориши 53% маъмурияти муассисаҳои таълимии таҳсилашон ба забони тоҷикӣ иттилоъ доданд, ки **омӯзгороне ҳастанд, ки забони модариашон аз забони таълим** фарқ мекунад. 42% бовар доранд, ки омӯзгорони мазкур ҳангоми таълим ба забони дигар душворӣ мекашанд. 98% муассисаҳои таълимӣ гузориш доданд, ки омӯзгороне ҳастанд, ки забони модариашон аз забони таълим фарқ мекунад. Тақрибан 40% маъмурияти муассисаҳои таълимӣ боварӣ доранд, ки баъзе омӯзгороне, ки забони модариашон аз забони таълим фарқ мекунад дар таълим душворӣ мекашанд. Омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилашон ба забони тоҷикӣ 63% забони модариашон - тоҷикӣ ва 32% забони модариашонро ӯзбекӣ гуфтанд. Дар синфҳои русӣ беш аз нисфи омӯзгорон (56%) забони тоҷикиро забони модарӣ гуфтанд. Дар муқоиса бо ин 14% омӯзгорон бо забони русӣ ва 26% омӯзгорон бо забони ӯзбекӣ гуфтугӯ мекунанд.

Синну соли миёна (маълумоти додаи хонандагон) барои синфи 2 ва 4 дар синфҳои тоҷикӣ ва русӣ монанд аст. Аксари хонандагон қайд карданд, ки дар хона бо як забон ва 8% бо ду забон гуфтугӯ мекунанд. Дар синфҳои тоҷикӣ ду

забони асосие, ки бо онҳо бештар дар хона гуфтугӯ мекунанд забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мебошад. Тақрибан нисфи хонандагон қайд карданд, ки дар хона мунтазам бо ду забон гуфтугӯ мекунанд, 7% бо се забон ва 44% танҳо бо як забон гуфтугӯ мекунанд. Дар синфҳои русӣ, дар хона бештар бо ду забон - тоҷикӣ ва русӣ (67%) ва 26% бо забони ӯзбекӣ гуфтугӯ мекунанд.

Алоқаи ШСИМТ бо натиҷаҳои арзёбиҳои АХСИ, АМСИ ва ОИЭ

Мо таҳлилро ба се натиҷа равона кардем, то арзёбӣ кунем ки оё хусусиятҳои хонанда, омӯзгор ва директори муассисаи таълимӣ бо холҳои арзёбиҳои АХСИ ва АМСИ алоқамандӣ доранд:

- Ду натиҷаи аввал ба арзёбии АХСИ нигаронида шудаанд: “Хониши равон” (шумораи калимаҳои дуруст дар як дақиқа ба эътибор гирифта мешавад) ва “Дарки маънои матни хонда” (фоизи ҷавобҳои дуруст аз панҷ савол ба эътибор гирифта мешавад).
- Натиҷаи дигар ба арзёбии АМСИ нигаронида мешавад: барои чен кардани малакаҳои умумии математикии хонанда, мо усули муайяни ченкунии ҷавобҳои дурустро дар бахшҳои зерин истифода кардем: “Хондани ададҳо”, “Ба разрядҳо ҷудо кардани адад”, “Амали ҷамъ”, “Ҳалли масъалаҳо бо асъори миллӣ”, “Пайдарҳамии ададҳо”, “Амали ҷамъ - сатҳи 1”, “Амали тарҳ - сатҳи 1” ва “Ҳалли масъалаҳо”.

Дар ҷадвалҳои 26, 27, 28 ва 29 алоқаи байни тағйирёбандаҳо дар сатҳи хонандагон, синфҳо, муассисаҳои таълимӣ ва натиҷаҳои хонандагон дар синфҳои тоҷикӣ ва русӣ барои ҳар яке аз сатҳҳои ду синф оварда мешаванд.

Ҷадвали 26. Муносибати омилҳои ШСИМТ бо натиҷаҳои синфи 2 дар арзёбиҳои АХСИ/АМСИ – синфҳои тоҷикӣ

Синфҳои тоҷикӣ — синфи 2	Хониши равон	Дарки маънои матни хонда	АМСИ
Хонанда			
Хонанда духтар аст	6,28**	0,05*	-0,06***
Дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ намекунад	-12.62***	-0,24***	-0,11***
Дар кӯдакистон ё маркази Рушди барвақтии кӯдак иштирок кардааст	4.61	0,06*	0,07***
Дар хона бо овози баланд хонданро машқ мекунад	8,91**	0,11**	0,08***
Аз мактаб ба хона китоб мебарад	4.39	0,01	0,04*
Ҳар рӯз китоб мехонад	2.28	0,09***	0,06***
Вазифаи хонагиро аз хониш ҳар рӯз иҷро мекунад	1.14	0,05*	0,06***
Вазифаи хонагиро аз математика ҳар рӯз иҷро мекунад	-0,28	-0,00	0,01
Дар оила нафаре ҳаст, ки дар иҷрои вазифаи хонагӣ ёрӣ мерасонад	1.36	-0,01	-0,07***
Ҳар рӯз аз ҷониби омӯзгор таъриф карда мешуд	9.10***	0,14***	0,07***
Ҳар рӯз ба саволҳо ҷавоб медод	11.01***	0,18***	0,11***
Синф			
Омӯзгор оид ба таълими хониш аз омӯзиш гузашт	-0,98	0,02	0,05
Омӯзгор оид ба таълими математика аз омӯзиш гузашт	3,74	-0,00	0,00
Директор дар як ҳафта ду маротиба ё бештар аз он дарсҳои омӯзгоронро мушоҳида мекунад	-4,41	-0,03	-0,00

Муассисаи таълимӣ			
Муассисаи таълимӣ дар шаҳр ҷойгир аст	11.78***	0,15***	0,08***
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ китобҳои дарсӣ дорад	1,74	0,03	0,01
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ маводди таълимӣ дорад	12.84***	0,14***	0,10***
Дар муассиса барномаи таъмини ғизо фаъолият мекунад	-7.97*	-0,13***	-0,01

*p<.05 **p<.01 ***p<.001

Ҷадвали 27. Муносибати омилҳои ШСИМТ бо натиҷаҳои арзёбиҳои АХСИ/АМСИ дар синфи 2 – синфҳои русӣ

Синфҳои русӣ — синфи 2	Хониши равон	Дарки маънои матни хонда	АМСИ
Хонанда			
Хонанда духтар аст	1.81	-0,01	-0,06**
Дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ намекунад	-6.80***	-0,09**	-0,07**
Дар кӯдакистон ё маркази Рушди барвақтии кӯдак иштирок кардааст	7.50***	0,16***	0,05*
Дар хона бо овози баланд хонданро машқ мекунад	4.67	0,02	0,08**
Аз мактаб ба хона китоб мебарад	0,11	-0,03	0,03
Ҳар рӯз китоб мехонад	3.13	0,04	0,02
Вазифаи хонагиро аз хониш ҳар рӯз иҷро мекунад	1.04	0,03	0,05*
Вазифаи хонагиро аз математика ҳар рӯз иҷро мекунад	0,42	0,07*	0,05
Дар оила нафаре ҳаст, ки дар иҷрои вазифаи хонагӣ ёрӣ мерасонад	-3,22	-0,08*	-0,02
Ҳар рӯз аз ҷониби омӯзгор таъриф карда мешуд	8.36**	0,10*	0,06*
Ҳар рӯз ба саволҳо ҷавоб медод	8.80***	0,19***	0,09***
Синф			
Омӯзгор оид ба таълими хониш аз омӯзиш гузашт	-0,39	0,01	0,02
Омӯзгор оид ба таълими математика аз омӯзиш гузашт	-1,41	-0,04	0,00
Директор дар як ҳафта ду маротиба ё бештар аз он дарсҳои омӯзгоронро мушоҳида мекунад	-1,86	0,02	0,00

Муассисаи таълимӣ			
Муассисаи таълимӣ дар шаҳр ҷойгир аст	4.88	0,08	0,02
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ китобҳои дарсӣ дорад	4.84	0,00	-0,01
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ маводди таълимӣ дорад	0,05	0,02	0,00
Дар муассиса барномаи таъмини ғизо фаъолият мекунад	-5.89*	-0,13***	0,03

*p<.05 **p<.01 ***p<.001

Ҷадвали 28. Муносибати омилҳои ШСИМТ бо натиҷаҳои арзёбиҳои АХСИ/АМСИ дар синфи 4 – синфи тоҷикӣ

Синфҳои тоҷикӣ — синфи 4	Хониши равон	Дарки маънои матни хонда	АМСИ
Хонанда			
Хонанда духтар аст	5.77	0,08***	-0,06***
Дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ намекунад	-16.01**	-0,22***	-0,06**
Дар кӯдакистон ё маркази Рушди барвақтии кӯдак иштирок кардааст	-2,44	0,04	0,06***
Дар хона бо овози баланд хонданро машқ мекунад	8.88	0,03	0,01
Аз мактаб ба хона китоб мебарад	-26.17	0,08*	0,02
Ҳар рӯз китоб мехонад	13.47	0,05*	0,03*
Вазифаи хонагиро аз хониш ҳар рӯз иҷро мекунад	7,74	0,01	0,03
Вазифаи хонагиро аз математика ҳар рӯз иҷро мекунад	9.60	0,01	0,07***
Дар оила нафаре ҳаст, ки дар иҷрои вазифаи хонагӣ ёрӣ мерасонад	0,87	-0,02	-0,06***
Ҳар рӯз аз ҷониби омӯзгор таъриф карда мешуд	24.69	0,07**	0,04*
Ҳар рӯз ба саволҳо ҷавоб медод	23.25**	0,14***	0,11***
Синф			
Омӯзгор оид ба таълими хониш аз омӯзиш гузашт	7.32	0,04	-0,01
Омӯзгор оид ба таълими математика аз омӯзиш гузашт	12.97	0,05	-0,01
Директор дар як ҳафта ду маротиба ё бештар аз он дарсҳои омӯзгоронро мушоҳида мекунад	5.61	0,00	0,00
Муассисаи таълимӣ			
Муассисаи таълимӣ дар шаҳр ҷойгир аст	19.18	0,14***	0,05*
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ китобҳои дарсӣ дорад	4.39	0,00	-0,01

Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ маводди таълимӣ дорад	9.56	0,03	0,04
Дар муассиса барномаи таъмини ғизо фаъолият мекунад	-14.62*	-0,06	-0,01

*p<.05 **p<.01 ***p<.001

Ҷадвали 29. Муносибати омилҳои ШСИМТ бо натиҷаҳои арзёбиҳои АХСИ/АМСИ дар синфи 4 – синфи русӣ

Синфҳои русӣ — синфи 4	Хониши равон	Дарки маънои матни хонда	АМСИ
Хонанда			
Хонанда духтар аст	9.16***	0,07**	-0,08***
Дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ намекунад	-20.13***	-0,10**	-0,05
Дар кӯдакистон ё маркази Рушди барвақтии кӯдак иштирок кардааст	3,92	0,08**	0,04
Дар хона бо овози баланд хонданро машқ мекунад	1,87	0,00	0,05
Аз мактаб ба хона китоб мебарад	-0,68	-0,03	0,03
Ҳар рӯз китоб мехонад	-0,34	0,04	0,04*
Вазифаи хонагиро аз хониш ҳар рӯз иҷро мекунад	0,76	0,02	-0,02
Вазифаи хонагиро аз математика ҳар рӯз иҷро мекунад	2.44	0,03	0,05
Дар оила нафаре ҳаст, ки дар иҷрои вазифаи хонагӣ ёрӣ мерасонад	-15.21**	-0,05	-0,05*
Ҳар рӯз аз ҷониби омӯзгор таъриф карда мешуд	16.21***	0,12***	0,10***
Ҳар рӯз ба саволҳо ҷавоб медод	8.94	0,05	0,10***
Синф			
Омӯзгор оид ба таълими хониш аз омӯзиш гузашт	11.22*	0,09*	0,03
Омӯзгор оид ба таълими математика аз омӯзиш гузашт	5.02	0,01	-0,01
Директор дар як ҳафта ду маротиба ё бештар аз он дарсҳои омӯзгоронро мушоҳида мекунад	5.71	0,04	0,01

Муассисаи таълимӣ			
Муассисаи таълимӣ дар шаҳр ҷойгир аст	15.32***	0,14**	0,02
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ китобҳои дарсӣ дорад	3.41	-0,03	0,02
Муассисаи таълимӣ ба қадри кофӣ маводди таълимӣ дорад	-1,25	0,01	-0,00
Дар муассиса барномаи таъмини ғизо фаъолият мекунад	-3.09	-0,09*	-0,02

*p<.05 **p<.01 ***p<.001

Баъзе натиҷаҳои асосии таҳлили мазкур ба таври фишурда дар поён оварда мешавад:

Натиҷаҳои арзёбии АХСИ дар синфҳои тоҷикӣ

Барои хонандагони синфҳои 2 ва 4 нишондиҳандаҳои дорои алоқамандии назарраси мусбат бо натиҷаҳои бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” инҳоянд: таърифи ҳаррӯзаи омӯзгор, ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб додан, дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ кардан, дар хона хонданр зиёд машқ кардан ва ҳар рӯз иҷро кардани вазифаи хонагӣ аз хониш.

Иштирок дар муассисаҳои томактабӣ ё кӯдакистон бо натиҷаҳои беҳтари синфи 2 алоқаманд аст, аммо на барои синфи 4.

Натиҷаҳои арзёбии АХСИ дар синфҳои русӣ

Барои хонандагони синфҳои 2 ва 4 нишондиҳандаҳо бо алоқаи назарраси мусбат бо натиҷаҳои бахшҳои “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” инҳоянд: таърифи ҳаррӯзаи омӯзгор, ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб додан, дар хона бо забони русӣ гуфтугӯ кардан.

Иштирок дар муассисаҳои томактабӣ ё кӯдакистон бо натиҷаҳои беҳтари синфи 2 алоқаманд буда, ин алоқамандӣ барои синфи 4 заифтар аст. Хонандагони синфҳое, ки омӯзгорашон оид ба таълими хониш аз омӯзиш гузаштаанд, нисбат ба ҳамсолони худ, ки омӯзгоронашон аз омӯзиш нагузаштаанд, натиҷаҳои беҳтар нишон доданд.

Натиҷаҳои арзёбии АМСИ дар синфҳои тоҷикӣ

Барои хонандагони синфи 2 ва 4 нишондиҳандаҳои дорои алоқамандии назарраси мусбат бо натиҷаҳои арзёбии АМСИ инҳоянд: таърифи ҳаррӯзаи омӯзгор, ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб додан, дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ кардан, дар хона зиёд машқ кардани математика ва ҳар рӯз иҷро кардани вазифаи хонагӣ аз матеаматика.

Барои хонандагони синфи 4, нишондиҳандаҳои дорои алоқамандии мусбати назаррас бо натиҷаҳои арзёбии АМСИ инҳоянд: иштирок дар муассисаҳои

томактабӣ ё кӯдакистон, аз китобхонаи мактаб ба хона бурдани китоб ва иҷрои ҳаррӯзаи вазифаи хонагӣ аз математика.

Натиҷаҳои арзёбии АМСИ дар синфҳои русӣ

Барои хонандагони синфҳои 2 ва 4 нишондиҳандаҳо бо алоқамандии назарраси мусбат бо натиҷаҳои арзёбии АМСИ инҳоянд: таърифи ҳаррӯзаи омӯзгор ва ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб додан.

Барои хонандагони синфи 4, ёрӣ дар хона дар иҷрои вазифаи хонагӣ алоқамандии манфиро бо холҳои арзёбии АМСИ нишон дод. Хонандагоне, ки дар иҷрои вазифаи хонагӣ калонсолон ёрӣ расондаанд дар арзёбии АМСИ холҳои паст доранд.

Таҳлили алоқаи байни бахшҳои иҷтимоӣ-эҳсосотӣ ва саволҳои интихобшудаи ШСИМТ нишон дод, ки баъзе малакаҳои иҷтимоӣ-эҳсосотӣ бо рафторҳо ва хусусиятҳои хонандагон дар синф ба таври зерин алоқаманданд:

Натиҷаҳои арзёбии ОИЭ дар синфҳои тоҷикӣ

Барои хонандагони синфҳои 2 ва 4 нишондиҳандаҳое, ки бо натиҷаҳои ОИЭ алоқаи мусбат доранд, инҳоянд: хонандагоне, ки ҳар рӯз китоб мехонанд, сатҳи баланд дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ”-ро нишон доданд ва хонандагоне, ки ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб медиҳанд сатҳи баланд дар бахши “Ҳамдилӣ” ноил шуданд. Дар синфи 2 духтарон дар муқоиса бо писарони муассисаҳои таълимии шаҳрӣ сатҳи баландтарро дар бахшҳои “Худбаҳодиҳӣ” нишон доданд. Хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳр дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ” натиҷаҳои баландтарро нишон доданд. Дар синфи 4 хонандагоне, ки дар кӯдакистон таҳсил мекарданд сатҳи баландтарро дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ” нишон доданд. Илова ба натиҷаҳои баландтар дар бахши “Ҳамдилӣ” хонандагоне, ки ҳар рӯз дар синф ба саволҳо ҷавоб медоданд, инчунин малакаҳои беҳтарро дар бахшҳои “Истодагарӣ”, “Ҳалли низоъ” ва “Худбаҳодиҳӣ” нишон доданд.

Натиҷаҳои арзёбии ОИЭ дар синфҳои русӣ

Дар синфи 2 духтарон нисбат ба писарон сатҳи баландтарро дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ” ва "Худбаҳодиҳӣ” нишон доданд. Дар синфи 4 духтарон нисбат ба писарон сатҳи хеле баландро дар бахшҳои “Ҳамдилӣ”, “Истодагарӣ”, “Ҳалли низоъ” ва "Худбаҳодиҳӣ” нишон доданд.

Хулоса ва тавсияҳо

Хулосаҳои асосии марбут ба алоқамандие, ки дар боло дар ҳар як бахш ҷамъбаст карда шудаанд, дар зер бо тавсияи дахлдор пешниҳод мегарданд. Тавсияҳо дар бораи нишондиҳандаҳо, ниёзҳои тадқиқотӣ, муҳокимаҳои муштараки маълумот барои қабули қарор ва фарогирии шахсони дорои маъюбият низ дохил карда шудаанд. Азбаски ин тадқиқот барои Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” тадқиқоти ибтидоӣ мебошад, тавсияҳо оид ба барнома ва фаъолиятҳои минбаъдаи эҳтимолӣ бояд аз ҷониби Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” ва Вазорати маориф ва илм барои ташаккул додани нақшаи Лоиҳа барои солҳои оянда баррасӣ карда шаванд.

Сатҳи гузариш аз тадқиқот ба амал

Духтарони синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ ва русӣ дар бахши “Хониши равон” ва “Дарки маънои матни хонда” нисбат ба писарон натиҷаҳои беҳтар доранд. Писарони синфҳои 2 ва 4-и тоҷикӣ ва русӣ дар бахшҳои математика нисбат ба духтарон натиҷаҳои беҳтар доранд.

- Тавсия: Азбаски ҳамкории хонандагону омӯзгорон ва иштирок дар дарс барои натиҷаҳо муҳиманд, тавре ки дар бандҳои марбут ба "Таърифи ҳаррӯзаи омӯзгор" ва "Ҷавоб додан ба саволҳо" қайд карда шуд, шарт аст, ки муайян кунем, ки то чӣ андоза ба духтарон ва ба писарон дар дарси хониш нисбат ба дарси математика дигар хел муносибат мекунанд. Тамоюлҳои байналмиллалӣ оид ба масъалаҳои ҷинсӣ дар арзёбиҳои мо мушоҳида шуданд ва мувофиқат мекунанд, аммо алоқаи онҳо бо омилҳои иҷтимоӣ, биологӣ ва ё вазъият баррасӣ карда мешаванд.

Забони гуфтугӯ дар хона, ба натиҷаҳо дар ҳамаи синфҳо, фанҳо ва забонҳо таъсири назаррас дорад. Хонандагоне, ки дар хона бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекунанд, дар бахшҳои синфҳои забони таҳсилашон тоҷикӣ натиҷаҳои беҳтар нишон доданд. Хонандагоне, ки дар хона бо забони русӣ гуфтугӯ мекунанд, дар бахшҳои синфҳои забони таҳсилашон русӣ низ натиҷаҳои беҳтар нишон доданд. Натиҷаҳои хонандагони синфҳое, ки забони таҳсилашон аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ иваз карда шудааст, ба мисли хонандагони синфҳое, ки забони таҳсилашон тоҷикӣ буд, баланд нестанд. Ин далел аҳамияти забондонӣ дар омӯзиши ин фанҳоро тасдиқ мекунад.

- Тавсия: Бахусус, дар мавридҳое, ки хонандагон дар хона бо забони таҳсил гуфтугӯ намекунанд, онҳо дар муассисаи таълимӣ ва хона ба ёрии иловагӣ ниёз доранд, то малакаҳои забонии худро дар гӯш кардан, хондан, навиштан ва гуфтан такмил диҳанд. Хонандагоне, ки аз мактаб ба хонаашон китоб мебаранд, натиҷаҳои беҳтар доранд. Ин таҷрибаро метавон дар бештари муассисаҳои таълимӣ паҳн кард, то хонандагон китоб гирифта омӯзишро дар хона идома диҳанд. Барои рушди

малакаҳои забондонии хонандагон дар муассисаи таълими муҳити созгори забономӯзӣ бояд фароҳам оварда шавад.

Барои вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, дар натиҷаҳо тағйирёбии хеле кам вуҷуд дорад; яъне аксари хонандагон қайд карданд, ки дар хона ашёеро доранд, ки ба саволномаи асосӣ дохил карда шудаанд. Ин натиҷаҳо ба мо имкон намедиҳанд, ки муносибати вазъи иҷтимоӣ иқтисодиро бо натиҷаҳои арзёбии АХСИ ва АМСИ алоқаманд намоем.

- Тавсия: тавсия дода мешавад, ки пеш аз ҷамъоварии маълумоти миёнамуҳлат, гурӯҳи кории арзёбӣ саволҳои вазъи иҷтимоию иқтисодиро таҷдиди назар намояд.

Дар бахши "Хониши равон" ва "Дарки маънои матни хонда" дар ҳамаи синфҳо ва забонҳо натиҷаҳо хубанд. Хонандагоне, ки дар хона бо забони таҳсил гуфтугӯ намекунанд, ҳам дар синфҳои тоҷикӣ ва ҳам русӣ, назар ба онҳое, ки дар хона бо забони таҳсил гуфтугӯ мекунанд, мушкилӣ доранд. Онҳо дар бахши "Дарки маънои матни хонда" мушкилии бештар доранд, зеро барои дарки маънои матни хондаашон хуб донистани забон муҳим аст.

- Тавсия: Бо дарназардошти он ки иҷро кардани вазифаи хонагии ҳаррӯза ва машқи зиёд кардани хониш дар хона бо натиҷаҳои бахшҳои "Хониши равон" ва "Дарки маънои матни хонда" алоқаманд аст, тақвияти ин малакаҳои хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва минтақаҳое, ки натиҷаҳои хуб нишон надодаанд, омӯзишҳое муҳиманд, ки айни замон амалӣ намешаванд. Барои тақвият бахшидани ин самт усулҳои таълим ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимии лоиҳа метавонанд барои бартараф кардани норасоиҳо тавассути ворид намудани навгониҳо барои оилаҳое, ки бо забон таҳсил гуфтугӯ намекунанд, муҳитро барои фарзандонашон беҳтар созанд. Чунин навгониҳо метавонанд тавассути китобҳои аудиоӣ, ки падар ё модар ҳамроҳи кӯдак мехонанд ва ё бо кӯдак бо ёрии китоби сабтшуда бо варақ задани саҳифаҳо ва ғайра муомилаи мусбатро ба роҳ мемонад.

Дар бахшҳои "Геометрия" (синфи 2) ва "Ҳалли масъалаҳо бо асъори миллӣ" (синфҳои 2 ва 4) аз байни бахшҳои арзёбии АМСИ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст наомаданд. Бахшҳои мазкур он қадар супоришҳои зиёде надоранд, ки боиси пастравии натиҷаҳои гарданд, аммо ин бахшҳо қисми бахшҳои асосии арзёбии АМСИ нестанд. Онҳо баъдтар дар раванди озмоиш илова карда шуданд, зеро бахшҳои мазкур қисми барномаи таълимии математика дар Тоҷикистон мебошанд, аммо ҳамчун

малакаҳои асосии математика барои дохил кардан ба воситаи арзёбии АМСИ (дар таҷрибаи байналмиллалӣ) ҳисобида намешаванд.

- Тавсия: Мо бояд ҳадафи ҷамъоварии маълумоти арзёбии АМСИ (малакаҳои ибтидоии бунёдӣ дар математика)-ро ба назар гирем ва муайян кунем, ки он барои кадом намуди арзёбӣ тарҳрезӣ шудааст. Агар зарурати гузаштан ба арзёбии барномаи таълим ё ба салоҳиятҳо асосёфта ба миён ояд, илова кардани онҳо ба воситаҳои арзёбии АМСИ (геометрия) як воситаи арзёбие бояд таҳия карда шавад, ки ба ин ниёзҳо ҷавобгӯ аст. Арзёбии АМСИ барои санҷиши кӯтоҳи малакаҳои асосӣ пешбинӣ шудааст ва мақсадҳои ин ду намуди арзёбӣ гуногунанд.

Дар малакаҳои математика, дар синфи 2-юми синфҳои тоҷикӣ, ки забони таҳсилашонро аз ӯзбекӣ ба тоҷикӣ иваз карданд ва онҳое, ки забони таҳсилашон тоҷикӣ буд, фарқи назаррас вуҷуд дорад. Дар бахшҳои математикаи синфи 4, ки дастурҳои бештарро барои супоришдиҳӣ талаб мекарданд, фарқи бештар назаррас мушоҳида карда шуданд.

- Тавсия: Барои хонандагони ӯзбекзабон дар таълими хониш ва математика бояд дастгирии иловагӣ ба роҳ монда шавад. Ин ба онҳо дар рушди малакаҳои забонӣ, ки барои омӯзиши хониш ва математика замина мегузорад, ёрӣ мерасонад.

Ҳалли масъалаҳо одатан барои хонандагон нисбат ба супоришҳои бахшҳои дигар мушкилтар аст. Натиҷаҳои аз рӯйи бисёр супоришҳо ба ғайр аз масъалаҳои матнӣ, ки дар онхо хонандагон ба мушкилиҳо дучор меомаданд, хуб буданд.

- Тавсия: Эҳтимол меравад, ки ҳалли масъалаҳо дар дарс ва арзёбӣ ба таври кофӣ истифода намешавад. Бинобар ин, мазмуну мундариҷаи барномаи таълимӣ ва методикаи таълими математика таҳлил ва баррасӣ карда, ба ҳалли ин намуди супоришҳо таваҷҷуҳи бештар дода шавад.

Муносибатҳои мусбати байни омӯзгорону хонандагон ва малакаҳои иҷтимоӣ - эҳсосотии хонандагон бо натиҷаҳои хониш ва математика алоқаманданд.

- Тавсия: Кӯшишҳои омӯзгорон ҷиҳатии фароҳам овардани муҳити мусбати таълим дар синфҳо бояд дастгирӣ карда шавад. Масъалаи омӯзиши иҷтимоӣ-эҳсосотии хонандагон дар заминаи фанҳои синфҳои ибтидоӣ дар солҳои оянда баррасӣ шаванд.

Тавсияҳо барои Вазорати маориф ва илм ва лоиҳа

Тавсияҳо дар бораи меъёрҳо, ниёзҳои тадқиқот, муҳокимаҳои муштараки маълумот барои қабули қарорҳо ва таҳсилоти фарогир дохил карда мешаванд. Ин тавсияҳо хусусияти умумӣ доранд.

Лоиҳа бояд Вазорати маорифро дар таҳияи **меъёрҳои мушаххас дар сатҳи кишвар** оид ба малакаҳои хониш ва математика дастгирӣ намояд.

- Меъёрҳои хониши ҷорӣ, ки дар ин ҳисобот оварда мешаванд, аз кишварҳои дигар иқтибос шудаанд; таҳияи маҷмуи меъёрҳои мушаххаси ба шароити Тоҷикистон мувофиқ хеле муфид аст. Дар натиҷаи ин арзёбӣ маълумоте ба даст оварда шуд, ки метавонанд барои таҳияи меъёрҳои хониш дар Тоҷикистон истифода шаванд. Ин меъёрҳо барои ба назар гирифтан ҳангоми таҳияи стандарту барномаҳои таълимӣ истифода мешаванд.
- Ҳоло дар Тоҷикистон ягон меъёри муқарраршудаи арзёбии математика вуҷуд надорад. Дар ин гузориш, маълумот бо ягон ченакҳои қаблӣ муқоиса карда нашудааст, то ки сатҳи маҳорат муайян карда шавад. Маҷмӯи меъёрҳои математикаро, ки ба шароити Тоҷикистон хосанд, таҳия кардан лозим аст.
- Дар натиҷаи ин арзёбӣ маълумоти бадастомада ҳангоми муқаррар кардани меъёрҳои арзёбии математика дар Тоҷикистон метавонанд ба назар гирифта шаванд. Ин меъёрҳоро дар тадқиқоти оянда ҳангоми таҳияи стандарту барномаҳои таълимӣ истифода мешаванд.

Мушоҳидаҳои дарсҳо имкон дод, ки муносибати омӯзгорон дар шароити кунунӣ муайян карда шавад. Бо вуҷуди ин, бисёре аз омӯзгорони мушоҳидашуда дар соҳаи педагогика, ки аз ҷониби Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” дастгирӣ карда мешавад, аз омӯзиш нагузаштаанд, зеро ин арзёбии ибтидоӣ буд. Аз ин сабаб, мо тавсия медиҳем, ки арзёбии озмоиши дар пешистодаи омӯзиши омӯзгорон ва маводи аз ҷониби Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” таҳияшуда ва озмоиши стандарту барномаҳои таълим, ки аз ҷониби Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ бо дастгирии техникии Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” гузаронида мешавад, анҷом диҳем. Дар ин навъи тадқиқот муҳақиқони гурӯҳи корӣ воситаҳои арзёбӣ ва озмоиши Стандарту барномаҳои таълим ва маводи омӯзишии омӯзгоронро омода кардаанд. Тавассути онҳо маълумот гирд оварда мешавад, ки омӯзгорон дар дарс маводи Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” пешниҳодкардаро барои чӣ ва чӣ тавр интихоб карданд ва хонандагон чӣ гуна ҷавоб доданд. Бо истифодаи ин **усулҳои омехта** маълумоти тавсифии бештар ба даст меояд, ки ҳангоми банақшагирии фаъолиятҳои минбаъдаи лоиҳа ёрӣ мерасонад.

Азбаски ин тадқиқот арзёбии ибтидоӣ аст ва лоиҳа ҳанӯз дар марҳилаи озмоишӣ қарор дорад, дарёфти далел ва хулосаҳо беҳтараш дар чаҳорчӯбаи ҳамкорӣ ва омӯзише истифода шаванд, ки дар он ҳамкорӣ дар самти арзёбӣ афзалият дода мешавад.Ташкили мубоҳисаҳо бо ҷонибҳои манфиатдор метавонад қобилияти мутобиқ шуданро дар асоси омӯзише, ки аз ин намуди

арзёбӣ бармеояд, беҳтар созад. Сохтори ҳамкорӣ, омӯзиш ва мутобиқсозӣ (ҲОМ)[3] инчунин метавонад барои муайян кардани ҷиҳатҳои қавии мавҷуда ёрие расонад, ки барои беҳтар кардани ҷанбаҳои амалии самтҳои гуногуни фаъолият асос ёфтаанд. Мо тавсия медиҳем, ки **таҷрибаҳои амалии** “**таваққуф ва мулоҳизаронӣ”** таҳия карда шаванд ва дар заминаи далелҳои техникии бадастомада Лоиҳаи USAID “Биё, ҳамроҳ омӯзем” бар он дар тӯли солҳои амалишавии худ такя кунад. Тавсия медиҳем, ки дар моҳҳои наздик ин ба нақшаи паҳнкунӣ ва тақвияти маҳорати касбӣ дохил карда шавад.

Барномаҳои таҳсилоти фарогир барои Вазорати маориф ва илм ва USAID муҳим аст. Дар шароити Тоҷикистон метавон **арзёбиро бо дарназдошти фарогирии кӯдакони дорои маъюбият**, масалан барои хонандагони дорои маълулияти шунавоӣ ва биноӣ таҳия намуд. Ин имкон медиҳад, ки шумораи бештари хонандагон ба арзёбиҳои оянда фаро гирифта, ҳангоми таҳияи барнома ва нақшаи чорабиниҳо ба назар гирифта шаванд.

[3]https://usaidlearninglab.org/cla/cla-toolkit/understanding-cla